ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ МУБОРАК!

МАНИЖА САНГИН ИЗДИВОҶ КАРД. ШАВҲАРИ Ӯ КИСТ? с.2

МАКТАБ ДАР ҚАБРИСТОН. КӢ БА ДОДИ МАРДУМ МЕРАСАД? с. 5

ТОҶИКИСТОН

30 сол бо шумо

№36 (1495)
07.09.22

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якдост! ~

1992-2022

А, Б, Т, ТАЛАБА, ПУЛА ТЕ!

Маорифи Тоҷиикистон ниёз ба ислоҳот дорад!



МОР ДАР ОСТИН

Ба ном ҳукуматӣ ҳастанду дар амал мухолиф с.3

ҚАТОРА БА РУСИЯ

Аз нархи чипта то ҷадвали сафар с.7

ИМТИҲОНИ ТОЛИБОН

Роза Отамбоева вазъи Афғонистонро ба эътидол меорад? с.4

ПАЙВАНДИ ДУ ҚАҲРАМОН

Нусратулло Махсум ва Абдураҳим Ҳоҷибоев чӣ тавр қудо шуданд? с.8-9

БЕҲНОМ БОНӢ:

Ошиқи Тоҷикистон шудам! с.10

КАНЗИ ШИФО

7 витамине, ки пӯст дӯст медорад с.12

ВАРЗИШ

Рустами Эмомалӣ ба варзишгари тоҷик хона ҳадя кард с.15

ARZON.TJ | Сайт объявлений

Mercedes-Benz C-Класс, 1998

Объявление можно увидеть отсканировав QR код.

www.arzon.tj
Посетите наш сайт

Больше информации по номеру
(+992) 000-88-29-18



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,
академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
президенти АИ Тоҷикистон, академик

Далер ҶУМЪА,
вазири энергетика ва захираҳои оби ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Ҷамшед САЪДУЛЛОЕВ,
профессор

Шералӣ РИЗОЁН,
сиёсатшинос

Абдулмаҷид УСМОНОВ,
журналист

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ, Фаронса

Ҳалима ХУШҚАДАМОВА,
профессор, ҷомеашинос

Амина ШАРОФИДДИНОВА,
узви Анҷумани "Пайванд", Ӯзбекистон

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.

Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ РЕКЛАМА:
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
44 601-35-95
director@tayron.tj

ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88
ads@rg.tj

ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА
938-66-82-64, 221-41-11
furush@rg.tj

ҚАДРДОНИИ ТОҶИКОНИ РУСИЯ БО ОРДЕНИ "ДӮСТӢ"

Бобоҷон Шарифов ва Баҳром Ахмедов, тоҷикони муқими Русия ба истиқболи 31-солагии Истиқлолияти давлатӣ бо орденҳои "Дӯстӣ" қадрдонӣ шуданд. Эътои мукофот дар ҷаласаи Шӯрои ҷамъиятии назди Сафорати Тоҷикистон дар шаҳри Москва сурат гирифт.

Бино ба иттилои Сафорати Тоҷикистон дар Русия, бо фармони Президенти Тоҷикистон Бобочон Шарифов, намояндаи Палатаи савдову саноати Русия дар Тоҷикистон ва Баҳром Ахмедов, тавбиби тоҷики муқими Русия бо ордени "Дӯстӣ" сарфароз гардонида шуданд.

Ордени Дӯстӣ - ордени давлатии Тоҷикистон, ки бо он арбоби давлатию ҷамъиятӣ, ходими илму фарҳанг, адабиёту санъат ва дигар шахсон барои фаъолияти содиқона ва пурмаҳсул ҷиҳати таҳкими сулҳу дӯстӣ ва ҳамкории байни халқҳо, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва манфиатҳои иҷтимоии он, барои саҳми арзандаи шахсӣ дар рушд ва афзунгардонии иқтидори маънавӣ ва зеҳнии Тоҷикистон сарфароз гардонида мешаванд.

700 ДОНИШҶӮИ ТОҶИК АЗ ҚИРҒИЗИСТОН БАРГАШТАНД

Бино ба иттилои маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм, беш аз 700 донишҷӯйи тоҷик барои идомаи таҳсил аз Қирғизистон ба Тоҷикистон баргаштаанд.

Аз ҳама бештар донишҷӯёни курсҳои болоӣ хостори идомаи таҳсили худ дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон шудаанд.

- То имрӯз ба вазорат зиёда аз 700 мурочиати хаттии донишҷӯёни тоҷик, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Қирғизистон таҳсил менамоянд, ворид шудааст, ки онҳо ба курс ва ихтисоси мувофиқ интиқол дода шуданд,- меафзояд манбаъ.

Бино ба иттилои ниҳоди мазкур, ҳамарӯза аз 5 то 10 мурочиати донишҷӯёни тоҷик, ки дар донишкадаву донишгоҳҳои Қирғизистон таҳсил менамоянд, ҷиҳати бозпас гирифтани ҳуҷҷатҳои аслӣ ба вазорат ворид мегардад.

ДАЛЕР ҶУМЪА БА ШУҒНОН 80 ТОННА АСФАЛТ КУМАК КАРД

Вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон Ҷумъа Далер Шофақир дар ноҳияи Шуғнон аз мавзеи бунёди майдони Парчами давлатӣ дидан намуд.

Гуфта мешавад, ки майдони Парчами давлатӣ аз ҳисоби маблағгузории Вазорати энергетика ва захираҳои об бунёд карда мешавад.

Ҳамзамон, Ҷумъа Далер Шофақир бо ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар хонаи истиқоматии барои оилаи аз офати табиӣ зарардида сохташаванда дидан намуда, барои тезонидани корҳои сохтмонӣ ва ҳарчи зудтар таъмин намудани иншоот бо масолеҳи сохтмонӣ ба роҳбарияти ширкати "Помир Энерҷӣ" супоришҳо додааст.

Ҷиҳати аз таъмири ҷорӣ баровардани роҳҳои автомобилгарди худуди ноҳияи Шуғнон аз ҷониби вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон ба муассисаи нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Шуғнон ба миқдори 80 тонна асфалт дастрас шудааст.



Манижа Сангин бо шавҳараш Ладо Кватания

МАНИЖА ИЗДИВОҶ КАРД. ШАВҲАРАШ КИСТ?

Сароянда ва оҳангсози машҳури тоҷиктабори Русия Манижа Сангин шоми 6-уми сентябри соли 2022 бо коргардон Ладо Кватания пайванди оиладорӣ бастанд. Аксҳо аз маросими ақди никоҳи онҳоро журналисти рус Ксения Собчак расонай намуд.

Дар маросими ақди никоҳи онҳо, ки дар Николиная Гора, деҳае дар 30-километрии ғарби шаҳри Маскав доир шудааст, Манижа бо либоси арусӣ дида мешавад.

Моҳи ноябри соли 2021 Манижа гуфта буд, ки дӯстписараш пешниҳоди издивоҷ кардааст ва худи ӯ низ барои бастани ин аҳд розӣ аст.

(Давомаш дар саҳ. 10)

САРИ САБЗ



Камол НАСРУЛЛО, Шоири халқии Тоҷикистон

- Ҳатто он миллатҳову халқҳое, ки дар таърих хеле баъдтар аз мо соҳиби тамаддун шуданд, имрӯз ба хурофот ва мардуми хурофотӣ бо истеҳзо менигаранд.

- Парво накунед, ҳоло ҳама фолбину сеҳргаронро якборӣ ҷарима кунанд, мо боз аз он миллату халқҳо пеш мегузарему ба мардуми хурофотӣ бо истеҳзо менигарем.



Парвиз ПӮЛОДӢ, ҳунарманди тоҷик

- Ҳангоми наворбардории филми "Ҷӯра шикорчӣ" дар яке аз саҳнаҳои умумӣ иштирок намуда будам. Фикр мекунам, таъсири ҳамин омилҳо буд, ки ман роҳи санъатро пеша кардам.

- Мебинед, ки баъди ин гуфтаи шумо "Тоҷикфилм" филмҳои аз "Ҷӯра шикорчӣ" зӯртар наворбардорӣ мекунад ва шумораи роҳравони ҷодаи санъат меафзояд.



Муҳаммад ҒАНИЗОДА, донишҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

- Ман шахсан тарафдори онам, ки бештар аз китобҳои чопӣ истифода барем. Зеро онҳо ба саломатӣ безарарянд ва ҳангоми хондан диққати мо дар як ҷо ҷамъ мешавад.

- Гапатон сад фоиз дуруст. Агар китоб хонем, ба саломатиямон ягон зарар намерасад. Аммо, агар...

А, Б, Т, ТАЛАБА, ПУЛА ТЕ!

Маорифи Тоҷикистон ниёз ба ислоҳот дорад!

МАКТАБУ МАОРИФРО СУТУНИ МИЛЛАТУ ДАВЛАТ МАЪНИДОД МЕКУНАНД. БА ХОТИРИ ОН, КИ СУТУНИ МИЛЛАТ ҲАМЕША ПОБАРҶОВУ МУСТАҲКАМ БОШАД, АЗ ИН РӮ МЕБОЯД БА МАКТАБУ МАОРИФ ТАВАҶҶУҲИ ХОСА ЗОҲИР КАРД.



Аз тачрибаи кишварҳои ҷаҳонӣ он чиз бараъло намудор мегардад, ки ҳама гуна рушду пешрафт дар заминаи такя ба донишу маърифати баланд ба даст омадааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ низоми маорифро самти афзалиятнок эълон карда, чиҳати рушду инкишофи он таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуданд. Пас, чаро дар баробари ин ҳама ғамхориҳои Сарвари давлат нисбат ба мактабу маориф, имрӯз сатҳи донишу хониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиву олӣ ҷавобгӯи талабот нест?

Агар қаблан омӯзгорон нимшӯхиву нимчиддӣ мегуфтанд, ки “А, Б, Т, маориф, пула те”, имрӯз формулаи мазкур дигаргун гаштааст: “А, Б, Т, талаба, пула те!”. Чӣ ҷойи пинҳон кардан, ки имрӯз дар баъзе аз макотиби оливу муассисаҳои таълимӣ, бахусус пойтахт, толибилмон мушкилосонкуни омӯзгороанд. Аз рӯзи аввали соли хониш, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои ашёву таъмиру иҷрои дигар корҳо аз хонандагон пул талаб мекунанд. Ин сухану хулосаи ман нест, балки кулли волидайн хуб медонанд, ки бидуни маблағ хонанда дар мактаб ҳеҷ аст.

Ростӣ, ки дигаронро намедонам, аммо камина барои муаллими бехтарину соҳибмаърифат чизеро дареғ намедорам. Бале, подоши ранҷу заҳматаш медиҳам, ба хотири он, ки фарзанду набераамро соҳибилму соҳибкасб гардонидааст. Омӯзгори соҳибдонишу кордону мунису ғамхори шогирдон, ба қавле хуни дил мехӯрад, то шогирдаш соҳибдониш гардад. Аммо ду-се нафар аз омӯзгороне, ки бо ҳар гуна амалҳои талбандагӣ миёни волидайну шогирдон ва ҳамкорон обрӯву ҳайсияти худро аз даст додаанд, дер намепоянд, гузашти вақт ва навоварӣ дар соҳаи таълиму тарбия эшонро водор мекунад, то тарки пеша намоянд. Аз будани чунин доғҳо, набуданашон бехтар аст.

> **«АКСАР АЗ ПЕШНИҲОДИ “ЧЕК”-И ХАРИДОРИИ ЛИБОСИ МАКТАБӢ АЗ ҶОЙИ МУҚАРРАРШУДА (!!!) НОРОҲАТАНД. ДАР ПОСУХ БА ВОЛИДАЙН, САРВАРОНИ МАКОТИБ БО ЯК ТУНДГӮЙ ИЗҲОР МЕДОРАНД, КИ “АМР АЗ БОЛОСТ”! “БОЛО”, ЯЪНЕ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМ?!**

Маблағгузорӣ ба соҳаи маориф зиёд, аммо...

Тавре аз омори расмӣ бармеояд, Ҳукумати кишвар ҳамасола маблағгузориро аз ҳисоби буҷети давлатӣ чиҳати рушди илму маориф афзоиш дода истодааст. Чунончи, соли 2022 ба соҳаи маориф 6 млрд 304 млн сомонӣ ҷудо гардид, ки нисбат ба соли 2021-ум 706 млн сомонӣ ё ин ки 11,3% зиёд буда, 19 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, дар соҳаи маориф 4 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии беш аз 1 млрд сомонӣ амалӣ шуда истодааст.

Дар 31 соли соҳибистиқлолӣ, шумораи муассисаҳои таълимӣ аз 4310 адади соли 1991 имрӯз ба 4780 адад расидааст. Дар ин давра 32 муассисаи таҳсилоти олӣ, 41 муассисаи таҳсилоти ибтидоиву миёнаи касбӣ ва 3246 мактаб мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд.

Зимни суханронӣ дар Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои асосии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуданд, ки соли ҷорӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои барномаҳои давлатии соҳа, хусусан, дар самти таҳсилоти томактабӣ, дарёфт ва рушди истеъдодҳо, такмили таълими забонҳои русӣ ва англисӣ, таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳаз, инчунин рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, аввалин маротиба ба таври мутамарказ 32 млн сомонӣ ҷудо карда шудааст.

Аммо дар посух ба чунин ғамхориҳои Пешвои миллат, маорифчиёни кишвар, бахусус масъулини Вазорати маориф ва илму устодону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, чӣ тадбиру чорабиниҳои судманд андешидаанд ва хоҳанд андешид?

... Дониш ҷавобгӯи талабот нест


Агар вазъи соҳаи таълиму тарбияро дар кишвар бо як ҷумла ифода намоем, пас он номуътадил аст, ҷавобгӯи ғамхориҳои Сарвари давлат нест. Дар баробари сатҳи пасти маърифатнокӣ борҳо ниҳодҳои дахлдор таъкид кардаанд, ки дар соҳаи таълиму тарбия бештар фасоди молиявӣ ба назар мерасад. Ҳарчанд атрофи бебандубориҳои соҳаи таълим мегӯянду менависанд, аммо вазъ бадтар асту беҳтар не.

Дар муқоиса бо баъзе аз муассисаҳои таълимии замонавии пойтахт, мактабҳои деҳот, ки ҳарчанд фарсудаву шароити хуби таълим надоранд, аммо як низоми хосаеро соҳибанд. Аввалтар аз ҳама, хонандагон нисбат ба устодон як эҳтироми хосае доранд. Маҳз дар заминаи эҳтироми ҳамдигар, сатҳи таълим низ хуб ба роҳ монда шудааст. Чизи дигар он аст, ки омӯзгорони макотиби деҳот аз хонандагон пул талаб намекунанд. Ва чизи аз ҳама муҳим: аксар аз муаллимон насли калонсолу соҳибдонишу соҳибмаърифатанд ва метавон гуфт, як мактаби бузурги зиндагианд.

Теъоди аъзами волидайни хонандагон дар пойтахт аз он изҳори нигаронӣ мекунанд, ки бо фаро расидани соли нави хониш мушкилоти онҳо даҳчанд афзун мегардад. Аксари онҳо бар ин назаранд, ки пулталабнамоии теъдоде аз омӯзгорон гӯё ба ҳукми анъана даромадааст. Аксар аз пешниҳоди “чек”-и харидории либоси мактабӣ аз ҷойи муқарраршуда (!!!) нороҳатанд. Дар посух ба волидайн, сарварони макотиб бо як тундгӯй изҳор медоранд, ки “Амр аз болост”! “Боло”, яъне Вазорати маориф ва илм?! Чунин “амрпароканиҳо” амсоли секунҷаи тезкунҷаест, ки ҳар сӯе тоб нахӯрад, ба тану бадани омӯзгорону хонандагону волидайни онҳо бармехӯрад: Вазорати маориф ва илм аз сарварони муассисаҳои таълимӣ талаб мекунад, директорон бошанд, аз омӯзгорон ва омӯзгорон аз хонандагону волидайни онҳо.

(Давомаш дар саҳ.6)

МАВҚЕЪ



АБДУЛЛО ДАВЛАТОВ

МОР ДАР ОСТИН

Барҳе ба ном тарафдори ҳукуматанду дар амал мухолиф

Ҳукумати ҷумҳурӣ дар талоши муаррифии Тоҷикистон ҳамчун як кишвари куҳанбунёд аст. Аз ин хотир, таърихи куҳани Саразму Ҳулбуку Ҳисору ғайраро таҷлил мекунад.

Ҳукумати Тоҷикистон дар талоши тоҷиконро миллати қадима ва дорои фарҳанги бойи бостонӣ муаррифӣ кардан аст. Аз ин хотир, ҷашнвораҳои Рӯдакиву Мавлонои Балхиву Имоми Аъзаму ғайраро таҷлил мекунад.

Дар тааҷҷубам, ки чаро баъзе аз тарафдорони ҳукумат дар амал зидди ин талошҳои Ҳукумати Тоҷикистон ҳастанд? Масалан, баъзеи онҳо дар ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ бешармона менависанду мегӯянд, ки агар ҳуруфи кирилӣ намеомад, тоҷикон бесавод мемонданд.

Яъне, то омадани болшевикон ва гузаштан ба кирилӣ гузаштагони мо бесавод будаанд? Пас, ибни Синову Рӯдакиву Имоми Аъзаму Мавлонои Балхиву Беруниву Носири Хусраву ал-Хоразмиву Туғралу Аҳмади Донишу даҳҳо дигар тоҷик набудаанд?

Ва ё, қисме аз онҳо мегӯянд, ки дар замони СССР меҳру садоқату инсонгарӣ буд. Гӯё ин хислатҳоро ба тоҷикон коммунистҳо оварда бошанд ва гузаштагони мо як миллати бадахлоқ будаанд.

Гуруҳе аз бешармтаринҳояшон чунин даъво ҳам доранд, ки гӯё фақат дар давраи СССР мо соҳиби шаҳр шуда бошем. Гӯё Самарқанду Бухорову Хуҷанду ғайра надоштему надорем.

Нисбати ҳаминҳое, ки дар сухан гӯё тарафдори ҳукумат ҳастанд, вале дар амал ба Истиқлолияти Тоҷикистон эҳтиром намегузоранду аз кишвари мурдаи СССР пуштибонӣ мекунанд ва аз онҳое, ки талошҳои Ҳукумати Тоҷикистонро дар муаррифии миллати куҳанбунёди тоҷик нодида мегиранд ва ба мардум талқин мекунанд, ки гӯё тоҷикон фақат баъди омадани болшевикон босавод шудаанд, Ҳукумати Тоҷикистон бояд ҷазояшон диҳад!

Инҳо аз мухолифон хавфноктар ҳастанд, ки мори дар остин ҷойгирифтаро мемонанд!

ИМТИҲОН БАРОИ ТОЛИБОН

Роза Отунбоева сафири нави СММ дар Афғонистон

Роза Отунбоева - нахустин зан ва як мусалмон аввалин намояндаи Осиёи Марказӣ шуд, ки дар мақоми бонуфузи сафири СММ дар Афғонистон кор хоҳад кард.



Бо як қарораш Антонио Гутерреш, дабири кулли СММ собиқ президенти Қирғизистон Роза Отунбоеваро ба мақоми намояндаи вижаи СММ дар умури Афғонистон таъин кард.

Дар изҳороти матбуотии СММ рӯзи 2-юми сентябр омадааст, ки Отунбоеваи 72-сола дар ин мақом Дебора Лайонсро иваз мекунад, ки ҳанӯз миёнаҳои моҳи июн аз ин мақом канор рафт. Дар изҳорот гуфта шудааст, ки ӯ намояндагӣ аз СММ-ро дар шароите ба уҳда мегирад, ки ҳуқуқи занону духтарон дар Афғонистон аз замони сари қудрат омадани Толибон дар моҳи августи соли 2021 ба таври ҷиддӣ маҳдуд шудааст.

Отунбоева апрели соли 2010 баъди нооромиҳои хунине, ки президент Қурмонбек Боқиевро мачбур кард аз кишвар фирор кунад, ба таври муваққатӣ президенти Қирғизистон шуд. Соли баъдаш, вақте дар ин кишвар интихоботи нав эълон шуд, Отунбоева дар он ширкат накард.

Ӯ дар мақоми вазири корҳои хориҷӣ кор карда, дар солҳои мухталиф сафири кишвараш дар ИМА, Канада ва Британиё будааст.

Ҳоло ӯ як узви Шӯрои машварати сатҳи олии СММ буда, Бунёди ташаббусҳои Роза Отунбоеваро ҳам раҳбарӣ мекунад, ки бештар сари тарҳҳои иҷтимоӣ ва кумак дар рушди кӯдакон тамаркуз кардааст. Отунбоева аз аввалин сиёсатмадорони Қирғизистон буд, ки дар изҳороте даргирии марзии миёни Қирғизистон ва Тоҷикистонро дар апрели соли 2021 "таҷовузи душмани мусаллаҳ" ба хоки кишвараш унвон кард ва ҳамзамон аз мардумаш хост, аз "баҳодиҳии якҷониба" ба воқеа худдорӣ кунанд.

Хабари таъини Роза Отунбоева ба мақоми дипломати калони СММ оид ба умури Афғонистон дар ҳоле нашр мешавад, ки дар як соли баъди сари қудрат омадани гуруҳи Толибон дар Афғонистон масъалаи маҳдуд будани ҳуқуқи шахрвандон, намояндагони гуруҳу қавмҳои мухталиф ва бахусус духтарону занон ҳамоно муҳим ва дар мадди аввал бокӣ мемонад. Дар давъатҳои батакрори ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, ташкили ҳукумати фарогири ҳама гуруҳҳои миллию сиёсӣ як шарти муҳими муколама ва эътирофи ҳукумати Афғонистон номида шудааст.

Ҳарчанд худи Отунбоева дар ин бора ҳанӯз изҳори назар накардааст ва маълум нест, ки оё барномаи корашро дар ин вазифа чӣ гуна мебинад.

Вале бисёр соҳибназарон мегӯянд, масъулияте, ки Отунбоева ба дӯш гирифтааст, на ин ки ба як дипломати зан, балки ба ҳар як мард ҳам осон нахоҳад буд. Далелаш ҳам пеш аз ҳама ҳукумати Толибон дар Афғонистон, ки ҳеҷ як кишвар онро то ҳол ба расмият намешиносад.


Таҳлилгари ӯзбекистонии муқими Лондон Алишер Илҳомов гуфт, таъиноти Отунбоева «як имтиҳоне барои Толибон аст», ки дар масоили ҳуқуқи зан мавзеи хеле манфӣ доранд.

ДАСИСАИ НАВИ ҲИКМАТЁР

Гулбиддин Ҳикматёр, сиёсатмадори ҷанҷолии Афғонистон гуфтааст, ки эҳтимол ҳавопаймоҳои бесарнишин аз хоки Покистон ё Тоҷикистон вориди ин кишвар мешаванд.

Ин нуктаро дар Тоҷикистон дасисаи нави Ҳикматёр медонанд, ки яке аз душманони ғаддори кишвари мост.

Чанд ҳафта боз расонаҳои Афғонистон аз гардиши ҳавопаймоҳои бесарнишин дар фазои Афғонистон хабар медиҳанд. Мақомоти Толибон мегӯянд, бесарнишинҳо аз Амрико ҳастанд, вале баҳс бештар сари ин аст, ки онҳо аз хоки кадом кишвар вориди Афғонистон мешаванд.



Гулбиддин Ҳикматёр, ки бештар аз мавқеи Толибон пуштибонӣ мекунад, дар хутбаи намози рӯзи ҷумъаи ҳафтаи гузашта гуфтааст, “ду эҳтимол вуҷуд дорад; ё ин ки бесарнишинҳо аз тариқи Покистон аз Доҳа вориди ҳаримҳавоии Афғонистон мешаванд ва ё ҳам аз Тоҷикистон”.



ЛИЗ ТРАСС

Сарвазири нави Британияи Кабир кист?

Лиз Трасс, вазири умури хориҷии Британиё нахуствазири ин кишвар интихоб шуд.

Трасс 81,3 ҳазор раъйи аъзои ҳизбашро дарёфт кард. Рақиби ӯ, собиқ вазири молия Риши Сунак 60,4 ҳазор раъй ба даст овард.

Дар нахустин суханронии худ дар мақоми нав хонум Трасс ваъда дод, ки бо болоравии қимати нерӯи барқ мубориза мебарад ва андозҳоро коҳиш медиҳад.

Ба таври расмӣ сарвазири қаблӣ Борис Ҷонсон вакилатҳояшро 6-уми сентябр ба сарвазири нав супурд. Худи ҳамон рӯз маликаи Британиё ҳардуро дар қалъаи Шотландия Балморал қабул кард ва рӯзи дигар Трасс ба саволҳои вакилони парлумон ҷавоб дод.

Ҷонсон, ки соли 2019 Тереза Мэйро дар мақоми нахуствазир иваз кард, рӯзи 7-уми июл эълон кард, ки аз мақоми нахуствазир ва раиси Ҳизби муҳофизакори Британиё канор меравад.

Барои ишғоли курсии нахуствазир 11 нафар рақобат карданд. Дар овоздиҳӣ ба воситаи почта ҳамаи аъзои ҳизб, қариб 200 ҳазор нафар иштирок карданд. Раъйдиҳӣ 2-юми сентябри соли равон ба охир расид.

НУРСУЛТОН БОЗ ОСТОНА МЕШАВАД

Гуруҳе аз вакилони ҳизби "Жана Қазоқистон" (Қазоқистони нав) пешниҳод кардаанд, ки бояд номи "Остона" ба пойтахти кишвар дубора баргардонида шавад.

“Мо онро нодуруст медонем, ки шаҳрро дар замони зинда будани шахс ба номи ӯ гузоранд. Инчунин мардум номи нави пойтахтро қабул надоранд. Аз ин рӯ, баргардонидани номи пешини пойтахт - Остона таърихан аз рӯи адолат мебошад, ки қаблан дар ин бора президенти аввал гуфта буд”,- гуфта шудааст дар изҳорот.

Номи пойтахти Қазоқистон моҳи марти соли 2019 пас аз истеъфои Назарбоев, ки тақрибан 30 сол ин кишварро раҳбарӣ мекард бо пешниҳоди Қосим Жомарт Тоқаев аз Остона ба Нур-Султон номгузорӣ шуд.



ЭРОН УЗВИ СҲШ МЕШАВАД

Ба гузориши хабаргузории ИРНА, Иброҳим Раисӣ қасд дорад дар нишасти рӯзҳои 15-16-уми сентябр дар Самарқанд ширкат кунад.

Мавриди ба зикр аст, ки Эрон қарор аст ба узвияти СҲШ пазируфта шавад. Чанде қабл ин нуктаро Владимир Норов, иҷрокунандаи вазифаи вазири корҳои хориҷии Ӯзбекистон таъкид намуд.


СҲШ созмони байналмилалӣ аст, ки соли 2001 таъсис ёфтааст. Аъзои созмон феълан Тоҷикистон, Русия, Ҳиндустон, Қазоқистон, Чин, Қирғизистон, Покистон ва Ӯзбекистон мебошанд. Кишварҳои нозир - Афғонистон, Эрон, Муғулистон ва Белорус мебошанд. Кишварҳои шарик Озарбойҷон, Арманистон, Камбоҷа, Непал, Туркия ва Шри-Ланка ҳастанд.

БА ТАВАҶҶУҲИ ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶТ САИДЗОДА РАҲИМ ҲАМРО

МАКТАБ ДАР ҚАБРИСТОН

Деҳаи Косатарош кай соҳиби бинои мактаб мешавад?

Сокинони деҳаи Косатароши шаҳри Панҷакентро оғози соли таҳсили имсола хурсанд накард, зеро интизориҳояшон барбод рафт. Мақомдорон ба ваъдаашон вафо накарданд ва сохтмони мактаб ба анҷом нарасид.



Кӯдакон дар интизори автобус





Булдозер кӯдаконро дар кафш ай лойқа мегузаронад

Мушкили №1

Сокинони Косатарош солҳост, ки аз надоштани замин ранҷ мебаранд. Заминҳои доштаашонро низ бо кумаки зимомдорони давр ба дигарон «тақдим» карданд. Мардум на замини президентӣ доранду на саҳми замин. Садҳо нафар ҷавонон барои рӯзгорашонро аз волидайн чудо кардан як ҳисса замин надоранд. Қариб 500 нафар ҷавонон ба замини наздиҳавлигӣ ниёз доранд, вале илоҷ намеёбанд.

Дар ҷамоати деҳоти Косатарош ва МИҲД-и шаҳри Панҷакент аз мушкилиҳои ин деҳа огоҳанд. Чанд сол мешавад, ки бархе аз ҷавонон ба Косатароши куҳна аз деҳаи нав (Онро Косатароши поён мегӯянд), ки қариб 10 километр дур аст, кӯч бастаанд. Мушкили обро бо роҳи кашонидан ҳал менамоянд, вале набудани мактаб, маркази саломатӣ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ барои гузаронидани маъракаҳо мушкилоти аҳолиро даҳчанд намудааст. Сокинони деҳа мачбуранд, ки фарзандонашонро новобаста аз дур будани роҳ ба МТМУ №75 фиристанд, ба мактабе, ки худаш на шароит дорад, на ҷойи нишаст...

Роҳи пурхатар

Роҳе, ки хонандагонро ба наздиктарин мактаб мебарад, хеле танг ва тӯлонист. Илова бар ин, мошинҳои боркаши КМ «Зарафшон» ва кулли нақлиёти ҷамоатҳои Шинг, Моғиён ва Фароб аз ин ҷо убур мекунанд. Яъне рафтуомад бо ин роҳ хеле хатарнок аст.

Ин роҳ дар дарае ҷойгир аст, ки дар фасли тирамоҳ ва зимистон боди тунде мевазад, ки аҳолӣ онро «Шамоли дара» меноманд ва он шамол борҳо боиси вайронии бомпӯши хонаҳо гардидааст. Ба болои сардии ҷонсӯзаш метавонад кӯдакони хурдсолро чун барги хазон бо худ барад. Ғайр аз ин, дар ҳар қадам селроҳаи бузурге ҷой гирифтааст, ки роҳбарон аз селҳои даҳшатноки Сои Обдор ва Сои Чертук огоҳанд. Ин роҳ бештари вақт вайрон аст. Борҳо шудааст, ки эксковторҳо бо кафши борбардорӣ кӯдаконро аз лойқа мегузаронанд.

СОЛИ 2020 ДАР ДОХИЛИ ҚАБРИСТОНИ ДЕҲА БО ДАСТГИРИИ РАИСИ СОБИҚИ ШАҲР ШАФЕИЁН ИСЛОМ ҲАШТ СИНФХОНА СОХТАНӢ ШУДАНД ВА ТАГДЕВОР НИЗ БАРДОШТАНД, ВАЛЕ СОКИНОН ДАР ИН ҶОИ ПУРМӮРУ МОР ВА ТАРСОВАР МАКТАБ СОХТАНРО ҚАБУЛ НАКАРДАНД. АЛБАТТА, ХАТО КАРДАНД, ЧУНКИ ИН «ҒАМХОРӢ» БОИС ГАШТ, КИ ҲАМА АЗ МАКТАБСОЗӢ РӮ ТОФТАНД.

Дар тангнои Сари Доғ борҳо сагҳо ва гургҳо ба мардум ҳуҷум кардаанд...

Тасаввур кунед, ки наздики 300 нафар мактаббача мачбуранд чунин роҳи хатарнокро тай карда, ба мактаб биёянд.

Супориши раис иҷро нашуд

То соли хониши 2020-2021 бе иҷозати хитоиҳо роҳбарони маҳаллии КМ «Зарафшон» автобусеро чудо карда буданд, то кӯдаконро ба мактаб расонанд, вале чун шумораи хонандагон афзун шуд, онҳо аз тарси он ки ҳодисае рух надиҳад, дигар мошин чудо накарданд. Дуюми сентябри соли 2021 аз сабаби ба мактаб нарафтани хонандагон бори аввал раиси шаҳри Панҷакент Абдухолиқ Холиқзода ба деҳа омад. Сафари ӯ боис гашт, ки дубора корхона як автобуси хурдакак чудо кунад. Ҳамон рӯз ваъда шуд, ки ӯ замин чудо мекунаду мардум худашон ба тариқи ҳашар мактаб созанд. “Соҳибон”-и заминҳое, ки раис барои сохтмони мактаб чудо кард, атрофи заминҳояшонро девор карданду рӯзе, ки фаъолони деҳа даҳ мошин санг оварданд, нагузоштанд, ки ба он атроф наздик шаванд. Ҷӯшу хурӯши мардум барҳам хӯрд ва аҳд намуданд, ки ҳеҷ гоҳ ба тариқи ҳашар мактаб намесозанд. Бо ин нарху навои бозор аҳолӣ нони худро таъмин карда наметавонад, чунки аз сабаби набудани кор аҳолии деҳа аксаран бекоранд.

Баъди ин сафари пурбаракати раис ҳар рӯз 220 хонандаро ин автобус дар ду рейс, дар ҳар рейс 110-нафарӣ ба мактаб бурда овард. Шумораи мачруҳшудагон ва зарардидагон муайян нест. Яке дасташро шикасту дигаре либосашро дар кашокаш аз даст дод. Ҳолдонҳо мегӯянд, ки имсол корхона аз тарсе, ки воқеае рух надиҳад, автобус чудо карданӣ нест...

Мактаб дар қабристон

Соли 2020 дар дохили қабристони деҳа бо дастгирии раиси собиқи шаҳр Шафеиён Ислом ҳашт синфхона сохтанӣ шуданд ва тагдевор низ бардоштанд, вале сокинон дар ин ҷои пурмӯру мор ва тарсовар мактаб сохтанро қабул накарданд. Албатта, хато карданд, чунки ин «ғамхорӣ» боис гашт, ки ҳама аз мактабсозӣ рӯ тофтанд.

Афсӯс, ки Шафеиён аз вазифа рафту дасту пойи мо ҳам аз замин гӯё канда шуд. Умедҳоро, ки доштем, дигар аз даст додем.

Ҳангоми тақсимоти заминҳои наздиҳавлигӣ 2 гектар замин дар мавзеи поёнии Сои Обдор барои хонаи саломатӣ, дӯконҳо, ҷойҳои ҷамъиятӣ ва мактаб чудо шуда буд, вале он кучо шуд, заминсозон медонанду ононе, ки худсарона ин заминро моли худ карда гирифтанд.

Аз қабристони деҳа болотар ҳам замин мавчуд аст, вале ҳукуматдорон он заминро аз они хочагии деҳқонӣ гуфта, ба эҳтиёҷи халқ вогузоштанӣ нестанд.

Имрӯз бо ду пиразани деҳа Мусаллам Муродова ва Чаман Қурбонова, ки борҳо ба қабули роҳбарони шаҳри Панҷакент рафтаанд, ҳамсухбат шудам. Бо ашки чашм изҳор доштанд, ки панҷ нафар набераҳояшон имсол ба синфи якум мераванд ва сахт хавотиранд.

Мактабе, ки ягон шароит надорад

Ба МТМУ №75-и деҳаи Косатароши поён соли гузашта 228 нафар хонандагон аз деҳаи боло меомаданд. Имсол ин теъдод ба 270 нафар расидааст. Дар се соли оянда ба 516 нафар расидани кӯдакони синни мактабии ин мавзеъро маълумотномаи муҳру имзо доштаи ҷамоати деҳоти Косатарош тасдиқ мекунад. Алъон ин 270 нафар роҳи тӯлонӣ ва пурхавфро тай намуда, ба МТМУ №75 мераванд. Ҳол он ки, соли 1994 ин муассиса барои 240 нафар сохта шуда буд, вале аз сабаби солҳои бухронӣ будани он солҳо на варзишгоҳ сохта шуду на муассиса рӯи ягон мизу курсии навро дид. Бо чанд мизу курсии аз дил баровардаи аҳолии деҳаи Филмандар, то он сол мактаби ду деҳа якҷоя буд, ба хонандагон ҷои нишаст пайдо шуда буд...

Чунин аст вазъи аҳолии деҳаи Косатароши шаҳри Панҷакент. Ҳамарӯза аҳолии ин деҳа дар саросари кишвар боз шудани мактабҳои наву замонавиро дида, ашк дар чашмонашон ҳалқа мезанад ва дуо мекунанд: “Худоё, ба мақомдорони Панҷакенти вилояти Суғд тавфиқ деҳ, ки фарзандони мо ҳам соҳиби мактаб шаванд”.

Исмоил ЗАРИФӢ,
рӯзноманигор
ва шоир



“А, Б, Т - ТАЛАБА ПУЛА ТЕ!

(Аввалаш дар саҳ.3)

Аммо дар посух ба чунин амрҳои шифоҳии манфиатовар барои теъдоде, масъулини даргоҳи илму таълим чунин ибрози назар мекунанд: “Ҳама гуна маблағталабнамоии омӯзгорону “чек”-ҷоринамоиҳо ғайриқонунист”. Ана, ёбу гир!

Маблағгузории сарикасӣ

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми январи соли 2010 дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (ба ғайр аз мактабҳои махсус ва мактаб-интернатҳо) бо усули маблағгузории сарикасӣ роҳандозӣ гаштааст. Дар шарҳи ислоҳоти мазкур гуфта мешавад, ки “Ҳадафи асосӣ - таъмин намудани тақсимоти боадолатона ва шаффофи маблағҳои буҷети давлатӣ дар байни муассисаҳои таълимӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи онҳо мебошад. Яъне, агар қаблан маблағгузории муассисаҳои таълимии умумию асосӣ ва ибтидоӣ бо усули мутамарказ, яъне тавассути шуъбаҳои маориф сурат мегирифт, акнун дар пайи ислоҳоти воридгашта муассисаҳои таълимӣ пурра мустақилияти молиявиро соҳиб гаштанд”.

Агар масъаларо рӯшантар шарҳу тавзеҳ диҳем, муассисаҳои таълимӣ соҳиби муҳосибони худ мебошанд, ки ҳисобу китоби маблағҳои дар асоси сметаи ягонаи даромад ва хароҷотро, ки мутобиқи гуруҳбандии буҷетӣ тартиб дода шудаву шуъбаи маориф онро тасдиқ кардааст, дар мувофиқа бо раёсати молияи шаҳру навоҳӣ пешниҳоди хазинадорӣ мегардонанд. Дар маҷмуъ, муассисаҳои таълимӣ соҳиби буҷети алоҳидаанд, ки тамоми сарфу хароҷоти мактаб бар дӯши онҳост. Тибқи “Дастурамал оид ба маблағгузории сарикасӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ”, сарварони макотиб муваззафанд, то ҳар семоҳа на дертар аз санаи 15-ум ба Ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгорон оид ба иҷрои буҷет ҳисобот пешниҳод намоянд. Магар касе чунин ҳисоботро аз забони сарвари мактабе шунидааст? Асло не!

Афсӯс, ки волидайн бо чунин ислоҳоти ҷоригашта хуб ошно нестанд, бинобар ин ҳам, дар мавриди пули таъмири мактабу ашёпулӣ хомӯшона, бо ду дасти адаб талаботи мактабдоронро қонеъ месозанд.

Норасоии омӯзгорон

Сарвари давлат зимни суханронӣ дар Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои асосии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон аз он изҳори нигаронӣ карданд, ки имрӯз дар муассисаҳои таълимии кишвар норасоии омӯзгорон 3406 нафарро ташкил медиҳад.

Воқеан ҳам, норасоии кадрҳои педагогӣ мушкили рақами 1 гаштааст, ки касе имкону тавони садди роҳи он гаштанро надорад. Бинобар музди меҳнати паст ва дарсҳои кам, омӯзгорон водор мешаванд тарки пеша карда, муҳоҷирати меҳнатӣ ихтиёр намоянд. Ҳарчанд ҳамасола қариб то 16 ҳазор нафар ихтисоси омӯзгориро аз худ мекунанд, аммо бо ҳар васила дипломи хатм ба даст гирифта, пешаи дигарро интихоб мекунанд. Ҳатто теъдоде муаллим буданро барои худ ор медонанд.

Сарвари давлат пайваста аз масъулин талаб мекунанд, то шароити хубтару беҳтарро барои пешбурди рӯзгору маишати омӯзгорони ҷавон роҳандозӣ карда, онҳоро дилгарми касби худ гардонанд. Аммо афсӯс, ки рӯзҳову моҳҳои аввал чунин ғамхориҳо дар ҳақи кадрҳои ҷавони педагогӣ амалӣ мешаваду баъдан муаллими ҷавон мубаддал ба асбоби аёнӣ мегардад.

Дастандаркорони Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ аз мақсади асосӣ ва дарозмуҳлати Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 хуб огаҳанд, ки он “ҷиҳати бунёди низоми самараноки маориф роҳандозӣ гашта, имконияти фарогир ва баробарро барои инкишофи қобилият, рушди зеҳнӣ, таъмини шуғл ва беҳтар намудани некӯаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳайё хоҳад сохт”. Аммо чаро ҷиҳати дар амал татбиқ намудани муқаррароти Стратегияи мазкур иқдому пешдастие нишон намедиҳанд? Ё вазири тозатаъйини Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ муҳтарам Саидзода Раҳим Ҳамро, ки аксар мегӯянд навовар асту кордону уҳдабаро, ба соҳаи таълиму тарбия ислоҳот ворид месозад?

Мо ҳам ҷонибдори ислоҳот!



Муҳиддин ИДИЗОДА,
махсус барои “Тоҷикистон”

АЙ ТОҶИКӢ НАМОНЕД!

Дар Ҳонконг ва Сингапур бо кадом забон ҳарф мезананд?

Соли 2009 бо як пизишки тоҷик дар Ҳонконг будем. Англисиро, ки балад набуд, бо мардуми бумӣ русӣ ҳарф мезад. Мушоҳида мекардаму хандаам мегирифт.

Боре ғазабаш омад, ки гуфт:

- Чи механдӣ?! Ҳар боре бо касе гап занам, ту механдӣ...

Узр хостаму гуфтам:

- Аз он хандаам меояд, ки чаро ту худатро азоб дода бо русӣ гап мезанӣ? Инҳо ку русиро намедонанд. Намешавад, ки тоҷикӣ ҳарф занӣ - шояд инҷо эрониҳо ё тоҷикони Афғонистон бошанду туро фаҳманд. Чор рӯз аст, ки русӣ гап мезанӣ, то ҳол ягон кас туро нафаҳмид!

Ӯ:

- Рост мегӯй! Кошкӣ як уруса медидим!

...?

Аз қазо, рӯзи дигар дар долони меҳмонхона забони форсӣ шунидем, ки эрониҳои аз Дубай омада будаанд.

Як рӯзи дигар дар бозор назди хонуми чининамуд, ки мағзу мавиз мефурӯхт, бо тоҷикӣ сухбат доштем, ки он хонум бо тоҷикӣ аз мо даъват кард, ки чизе харем.

Фаҳмидем, ки аз тоҷикони бумии Урумчӣ будааст.

Он пизишки ҳамватанамон баъди ба Маскав баргаштанамон дар чанд маърака гуфт: "Ай тоҷикӣ намонед! Дар Ҳонконг ба мо тоҷикӣ кор омад, русӣ ба дард нахӯрд!".


Ба ин монанд воқеа соли 2014 дар Сингапур рух дод. Ҳамсафарам зӯр зада бо русии шикаста гап мезад.

Вале, рӯзи дуввум дар яке аз марказҳои савдо ба гилемфурӯше бо форсӣ муроҷиат кардам. Аз тоҷикони Афғонистон будааст.

Ин тоҷики "урусидон" ҳам фикрашро нисбати нуфузи забони тоҷикии форсӣ тағйир дод.

Д. АБДУЛЛО,
пизишк

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН



БУЮК

Рассоми гулистонӣ дар “Баҳористон”

Ӯ аз панҷсолагӣ ба суратгарӣ рӯ оварда, инак 63 соли умрашро сарфи ин касб кардааст. Падараш ҳам номашро бо умеду орзуи зиёд Буюк, яъне Бузург гузоштааст. Воқеан, дар пешаи худ ба ҳамин дараҷа расидааст.

Зодаи шаҳри Гулистон мебошад. Факултаи меъмории Донишкадаи политехникиро хатм кардааст, вале бештар рассомӣ мекунад. Дар нафақа аст. Ин айём ҳам аз суратгарӣ даст накашидааст. Рӯздармиён ба осоишгоҳи "Баҳористон" меояд ва симои касеро тасвир мекунад. Барои ин кор ним соат лозим меояд.

Соли 1979 аз ҳунарманди синамои шӯравӣ Владимир Коренев, офарандаи нақши марказӣ дар филми "Одами дубаҳра" ("Человек амфибия") соядаст мегирад. Аммо симои ӯро пас аз гирифтани соядаст тасвир кардааст.

Соли 1993 Фаррух Зокиров, роҳбар ва сарояндаи ансамбли замоне машҳури "Ялла"-ро ҳамсояаш ба маҳфили арӯсии фарзандаш даъват мекунад. Буюк аз фурсат истифода карда, симои ӯро тасвир мекунад ва дар ҳамон ҷо аз худи ин сарояндаи маъруф соядаст мегирад.

- Ҳоло ҳам ман дар пайи сайқали касби худам ҳастам. Қаноат кардан ва ба худ баҳои баланд додан бар зарари эҷодкор аст,- мегӯяд ӯ.

Ба Буюк Қосимов барор мехоҳам.

Ҷумъахон САЙИДАЛӢ,
журналист

Абдураҳмони Ҷомӣ:

ҲАНӮЗ ҲАМ ХАВФИ ФУРӮРАВӢ БОҚИСТ

Охири соли 2021 бо як қарори Ҳукумати мамлакат зиёда аз 80 гектар замин дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ аз гардиши кишоварзӣ берун карда шуд. Масъулин сабаби берун кардани заминҳои обиро аз гардиши кишоварзӣ фурӯравии онҳо мегӯянд.

Турахон Иброҳимзода, раиси Кумитаи идораи замини ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ мегӯяд, дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта шудааст “заминҳое, ки дар асоси офатҳои табиӣ фурӯ рафтаанд, аз гуруҳу намудҳои заминҳои корами обӣ, чарогоҳ, маҳали аҳолинишин ва хоҷагиҳои ёрирасони шаҳрвандон ба дигар гуруҳу намуди замин гузаронида шаванд”.

Ӯ афзуд, ки то охири соли 2021 бо вучуди фурӯ рафтан ин заминҳо замини кишоварзӣ ҳисоб мешуданд.

“Маълумоти ин заминҳо ҳам дар ҳисоботи оморӣ ва ҳам дар нозироти андоз мерафт. Бо дастгирии Институти давлатии лоиҳакашии заминсозии “Тоҷикзаминсоз”-и Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи аниқ гузаронида шуда, ба ҳукумат пешҳод гардид. Дар натиҷа 83 гектар замини обӣ аз гардиши кишоварзӣ берун карда шуд”,- афзуд мавсуф.

Турахон Иброҳимзода мегӯяд, ки барои пешгирӣ аз фурӯравии замин бояд фарҳанги об мондани зироат дар замин аз ҷониби сокинон пурра риоя шавад. “Дар заминҳои кишт кубурҳои калон насб кардан лозим, то поёноб тавассути кубур ба дарё бурда шавад. Баъдан заҳбуру заҳкашҳоро сари вақт тоза кардан лозим”,- таъкид кард вай.

Ӯ гуфт, ки агар фарҳанги об мондан риоя нашавад ва заҳкашу обгузарҳо ба тартиб дароварда нашаванд, боз ҳам хавфи фурӯравии заминҳои оби бокӣ мемонад.

Мутаассифона, дар идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ касе аз масъулинро пайдо накардем, то дар масъалаи тоза кардани заҳбуру заҳкаш ва паст кардани оби зеризаминӣ сухбат кунем.

Мутахассисон мегӯянд, ки заминҳои ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ асосан сафедхоканд ва дар андак зиёд будани намӣ эҳтимоли фурӯравӣ ҳаст. Бо вучуди ин, ноустувории хок зиёд буда, оби зеризаминӣ баланд аст.

Машраби АЛОВИДДИН



СУБҲИ ИСТИҚЛОЛ

То ба истиқлолу озодиву соҳибдавлатӣ,
Аз ҷаҳон тоҷик ҷони хаста дошт.
Дар дили озурдааш бас орзуҳои ниҳони хаста дошт,
Қарнҳо аз гардиши гардун ҷафою ҷабр дид.
Умрҳо аз косаи даврон фақат заҳре чашид,
Қавми дар хун ғуттавар бо тоҷи нангу қалби пок.
Бо ҳама камзарфияш,
Рӯдакиву ҳазрати Фирдавсию Сино, ки дошт,
Бо ҳама камдастияш.
Девони Мавлоно, ки дошт.
Як нигоҳи равшане бар остони субҳи истиқлол дошт,
Осмону офтобу моҳтобу ахтари иқбол дошт.
Ай ту тоҷик,
Ай масири сад ҳазорон рӯзҳои барфдида.
Ай ту тоҷик,
Ай ниҳоли наврасида.
Баъди дах садсола аз нав тоҷу тахте ёфтӣ,
Меҳтари ту, кеҳтари ту комёб аст.
Рӯзҳои неки умрат беҳисоб аст,
Ай ту тоҷик.
Зевари бар тоҷи дунё,
Тоҷикистон.
Ёдгори маъниву эҷоду истеъдоди аҷдод,
Ай ту тоҷик.
Боз имрӯз,
Ҷашни Истиқлол дорӣ.
Нусрату иқбол дорӣ,
Ай ту тоҷик.
Шаҳди гулҳои шифобахшо ба комат бод,
Пайки пирӯзӣ ба номат бод.
Қавми тоҷикам ба комат бод истиқлоли имрӯзин,
Қавми тоҷикам ба комат бод истиқлоли фардоҳо....

Раънои ХУРШЕД

УНВОНИ ИСТИҚЛОЛ

Хати парвози хуршед аст дар дастони Истиқлол,
Баҳори сабзи уммед аст дар домони Истиқлол.
Ман аз ҳарфу ҳиҷои меҳр, аз абёти сабзи ишқ,
Мураттаб мекунам ашъори дил-"Девони Истиқлол".
Биболад мурғи илҳомам зи пайки сулҳу озодӣ,
Ки дар ҳар хона густардаст мардум хони Истиқлол.
Кушода бар дуо дастони худро модарон гӯянд:
Биборад кош бар сар то абад борони Истиқлол.
Пас аз бигзашти солу моҳҳо шукрона, эй мардум,
Қадам бар сӣ ниҳода тифлаки армони Истиқлол.
Ҳамеша аз Худовандам ягона илтиҷоям ин,
Ки андар ҷисми Меҳан сабз бодо ҷони Истиқлол.
Ватан, эй сарзамини файзбахшу қаҳрамонмодар,
Муборак бод баҳрат то абад унвони Истиқлол!

Руъё УСМОНӢ

ХУҶАНД - ВОЛГОГРАД

Хатсайри нави қатора фаъол шуд

Шуруъ аз 7-уми сентябр пас аз таваққуфи 2-сола ҳаракати қатораҳои мусофирбар аз Хуҷанд ба Волгоград барқарор гардид.

Аз корхонаи воҳиди давлатии "Роҳи оҳани Тоҷикистон" хабар доданд, ки қатораи аввал иборат аз 10 вагон нимаи рӯзи чоршанбе (7-уми сентябр) соати 13 бо вақти маҳаллӣ ба роҳ баромад ва пас аз 2,5 соат ба нуқтаи таъинот расид.

Қатора аз 10 вагон иборат буда, барои 614 мусофир пешбинӣ гардидааст. То шоми 5-уми сентябр аллакай беш аз 400 чиптаи он фурӯхта шудааст.

Қатора дар самти Хуҷанд - Волгоград ҳафтае як маротиба рӯзҳои чоршанбе ҳаракат хоҳад намуд. Нархи билет вобаста ба интихоби вагон аз 1200 то 1300 сомонӣ муқаррар шудааст.


Ин сеюмин масири мусофирбарӣ бо қатора аз Тоҷикистон ба самти Русия мебошад. Рӯзи 16-уми август аз Кӯлоб ва 27-уми август аз Душанбе қатораҳо баъд аз танаффуси беш аз дусола ба роҳ баромада буданд.

ҲАМЧУНИН

Аз 6-уми сентябри соли равон билети қатораи Душанбе-Тошканд-Душанбе 20 фоиз арзон шуд.

Чунин тағйирот дар натиҷаи гуфтугӯи намояндагони ширкатҳои «Роҳи оҳани Ӯзбекистон» ва «Роҳи оҳани Тоҷикистон» сурат гирифтааст.

Дар сомонаи «Роҳи оҳани Ӯзбекистон» арзиши билети Тошканд-Душанбе наздики 44 доллар нишон дода шудааст.



МЕДАЛИ ТИЛЛО АЗ КОРЕЯ

дастоварди бонувони ихтироъкори тоҷик

Омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Саврибегим Ёрмамадова ва Муқаддас Қурбонова аз шаҳри Сеул бо Шоҳҷоиза ва медали тилло баргаштанд.




Ба ин муносибат бонувони ихтироъкор дар як чорабинии донишгоҳ бо иштироки муовини Сарвазири мамлакат Матлубахон Сатториён ва ректори донишгоҳ Қобилҷон Хушвахтзода қадрдонӣ шуданд. Бино ба иттилои раёсати ДМТ, устодони факултети химия, номзадони илмҳои химия, дотсентон Саврибегим Ёрмамадова ва Муқаддас Қурбонова дар 15-умин Форуми байналмилалии занони ихтироъкор аз 24-ум то 27-уми август дар шаҳри Сеули Кореяи Ҷанубӣ иштирок намуданд. Устодони донишгоҳ дар самти «Истифодаи пайвастаҳои комплексии руҳ ҳамчун маводи доруворӣ зидди бемориҳои ғадуди сипаршакл» ва «Истифодаи хулласҳои алюминий бо бериллий дар саноати мошинсозӣ» ихтироот намуда, дар нишастҳои омӯзишӣ миёни мутахассисони сатҳи байналмилалӣ баррасӣ намудаанд.

Пас аз таҳлили мутахассисон бонувони ихтироъкор бо Шоҳҷоиза ва медали тилло қадрдонӣ шуданд.

Ихтирооти бонувони тоҷик дар ҷодаи илми химия маводи тоза ва ҷавобгӯ ба талаботи илми ҷаҳонӣ мебошад.

ПАЙВАНДИ ДУ

Нусратулло Махсум ва Абдураҳим



Нусратулло Махсум

Корномаи Қаҳрамони Тоҷикистон Нусратулло Махсум ва фарзанди фидоии миллат Абдураҳим Ҳоҷибоев ба ҳамагон маълум аст, вале кам касон медонанд, ки ин ду оила бо ҳам пайванди хонаводагӣ доштанд…

Оғоз

Нусратулло Махсум ва Абдураҳим Ҳоҷибоев. Номи ин ду фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, ки яке унвони Қаҳрамони Тоҷикистонро дорад, барои ҳар фарди худшинос ошност. Эшон дар лаҳзаҳои ҳасос ва барои миллати тоҷик сарнавиштсози оғози асри XX дар сафи пеши мубориза буданд ва барои ҳимояи ҳуқуқи тоҷикон ҷонбозиҳо карданд. Маҳз Махсумҳо ва Ҳоҷибоевҳо барин фарзандони ҷоннисор буданд, ки дар харитаи олам номи Тоҷикистон пайдо шуд. Вале дар ин нигошта сухан аз корномаи ин ду бузургмард нест, балки аз пайванди хонаводагии эшон аст, ки кам касон медонанд. Бале, дуруст дарк кардӣ, хонандаи азиз, Нусратулло Махсум ва Абдураҳим Ҳоҷибоев натанҳо дар якҷоягӣ барои ҳадафҳои олӣ мубориза мебурданд, балки қудо ҳам буданд ва бо андохтани тарҳи як оилаи муштарак ва пайванди ду хонаводаи элитаи сиёсӣ, барои ояндаи нек дар дил орзуҳо мепарвариданд...

Ангеза

Ба наздикӣ Шоири халқии Тоҷикистон Фарзонаи Ҳуҷандӣ меҳмони Душанбе буданд. Зимни суҳбате, ки бо эшон доштем, аз кору пайкори падарбузургашон Абдураҳим Ҳоҷибоев ёдоварӣ кардем. Чун сухан аз қисмати талхи ин фарзанди миллат ба миён омад, Фарзона Ҳоҷибоева ба ман телефон кунед. Ман шуморо ба хонаи ин хешовандамон мебарам...

Шаҳри Ҳуҷанд. Мошини мо аз роҳи калон ҷониби маҳаллаи Низомӣ гашт. Ҳуҷандиёни бузургсол ин маҳалларо Даштак мегӯянд. Дар ин сафар маро ду муҳаққиқи рӯзгори Абдураҳим Ҳоҷибоев ҳамроҳӣ мекунанд, яке профессор Матлубаи Мирзоюнус ва дигаре пажуҳишгар Субҳони Аъзамзод, ки беш аз 20 сол аст, ки ба таҳқиқи ин мавзуъ машғуланд.

- Кӯдакиҳои бобои мо дар ҳамин маҳалла сипарӣ шудааст,- ба суҳбат оғоз мекунад профессор Матлубаи Мирзоюнус.- Падари Абдураҳим Ҳоҷибоев, яъне бобокалони мо Ҳоҷибой боғдор муборизи миллати тоҷик рафт, Фарзона гуфтанд:

- Абдураҳим Ҳоҷибоев ва ҳаммаслаконашон барои миллати тоҷик метавонистанд хизматҳои бештаре кунанд, вале қурбони дасисаи бадхоҳон шуданд. Эшон то ба охир ба ҳукумат ва ба ғояҳояшон содиқ буданд. Ҳатто дар Маскав бо Нусратулло Махсум қудо шуданд, яъне тарҳи зиндагии ояндаро дар сар мепарвариданд. Аммо афсӯс...

- Магар Нусратулло Махсум ва Абдураҳим Ҳоҷибоев қудо буданд?,- бо ҳайрат пурсидам.

- Ҳа. Вале ин факт дар ҷое сабт нашудаву ҷуз мо - пайвандону наздикон касе онро намедонад. Феълан дар Ҳуҷанд яке аз наберагони ин ду қаҳрамон, ки умрашон ба 90 наздик аст, зиндагӣ мекунанд,- гуфтанд Фарзона ва таваҷҷуҳи маро ба ин мавзуъ эҳсос карда, идеяи ачиб доданд:





Анвар - писари калонии Нусратулло Махсум ва ҳамсараш Маҳфират Ҳоҷибоева, хоҳари Абдураҳим Ҳоҷибоев

- Ин сафар ба Ҳуҷанд биёед, ба ман телефон кунед. Ман шуморо ба хонаи ин хешовандамон мебарам...

Шаҳри Ҳуҷанд. Мошини мо аз роҳи калон ҷониби маҳаллаи Низомӣ гашт. Ҳуҷандиёни бузургсол ин маҳалларо Даштак мегӯянд. Дар ин сафар маро ду муҳаққиқи рӯзгори Абдураҳим Ҳоҷибоев ҳамроҳӣ мекунанд, яке профессор Матлубаи Мирзоюнус ва дигаре пажуҳишгар Субҳони Аъзамзод, ки беш аз 20 сол аст, ки ба таҳқиқи ин мавзуъ машғуланд.

- Кӯдакиҳои бобои мо дар ҳамин маҳалла сипарӣ шудааст,- ба суҳбат оғоз мекунад профессор Матлубаи Мирзоюнус.- Падари Абдураҳим Ҳоҷибоев, яъне бобокалони мо Ҳоҷибой боғдор буданд. Феълан, як кӯча болотар номи бобоямро дорад. Хонае, ки ҳозир меравем, ҳавлии падарии Абудраҳим Ҳоҷибоев аст...

Ду фидоӣ - ду ҳамқисмат

Нуратулло Махсум ва Абдураҳим Ҳоҷибоев ҳамқисмат ҳастанд. Ҳар ду дар оилаи деҳқон таваллуд шудаанд. Яке соли 1881 дар Раштонзамин, дигаре соли 1900 дар Ҳуҷанд. Ҳар ду дар давраҳои ҳассос дар муҳити Қӯқанд ба камол расиданд. Нусратулло Махсум нахуст ба мардикорӣ омад ва ба ҳаракатҳои бедорӣ пайваста, соли 1921 дар сафи инқилобчиён қарор гирифт. Дар ин давра Абдураҳим Ҳоҷибоеви 20-сола баъди хатми Университети давлатии Туркистон фаъолияти кориашро ба ҳайси ходими давлатӣ дар уездҳои Қӯқанд оғоз намуд. Ҳар ду аз ибтидо ҳамақида буданд. Аввал зери парчами Армияи Сурх барои наҷоти ҷомеа аз сохти кухна талош карданд, баъдан дар лаҳазоти ҳасос барои ҳуқуқи тоҷикон мубориза бурданд. Ҳар ду узви комиссияи таксимоти милливу марзӣ буданд ва барои як вақаб замини тоҷикон ҷоннисорӣ карданд. Ҳар ду бо Сталин дар алоқаи мустақим қарор доштанд. Чун давлати Тоҷикистон соли 1924 аввал ба ҳайси автономия дар ҳайати Ӯзбекистон таъсис ёфт ва соли 1929 ҷумҳурии шӯравии алоҳида шуд, вазифаҳои калидӣ ба дӯши онҳо гузошта шуд. Нусратулло Махсум дар вазифаи раиси мақоми олии давлатӣ - Комитети Иҷроияи Марказии Сталинобод» аз 14-уми ноябри соли 1933 «саҳв»-ҳои сиёсии ононро “асоснок” кард. Дере нагузашта раиси нави ШКХ ҶШС Тоҷикистон А. Раҳимбоев сиёсати «муштзӯрӣ», «зиддидавлатӣ», «зиддишӯравӣ»-и Нусратулло Махсум ва Абдураҳим Ҳоҷибоевро “ошкор” кард. Дар натиҷа ин нафарон аз вазифа сабукдӯш шуданд.

Сиёҳҳунии элитаи сиёсӣ

Абдураҳим Ҳоҷибоев ва Нусратулло Махсум ҳар ду дар як вақт қурбони ҳуҷуми мафкураи замон гаштанд. Талоши онҳо барои ҳуқуқи тоҷикон аз ҷониби муғризон “миллатгароёна” унвон шуда, КМ ҲК(б) Тоҷикистон дар қарори «Дар бораи вазъияти ташкилоти фирқавии ҶМШС Тоҷикистон ва баъди таъсиси Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон раиси КИМ-и ҶШС Тоҷикистон интихоб гардид. Абдураҳим Ҳоҷибоев бошад, минҳайси раиси Шӯрои Нозирони Тоҷикистон ба фаъолият пардохт. Ҳар ду то соли 1933 дар ин вазифа кор карданд. Ҳар ду баробар ба гирдоб афтоданд...

Пажуҳишгари зиндагиномаи Абдураҳим Ҳоҷибоев Субҳони Аъзамзод ин қазияро чунин шарҳ медиҳад:

«Охири соли 1933 ва солҳои 1934-1936 марҳалаи танқиди шадиди сиёсати Абдураҳим Ҳоҷибоев ва Нусратулло Махсум аст. Дар ин давра мавҷи ситезу ошӯб алайҳи фаъолият ва мақоми онон боло рафт. Аз рӯи навиштаи Алӣ Хуш ва Мирзо Турсунзода, дар ин айём гӯё «маскаи сиёҳи рӯи онҳо комилан бардошта ва тамоми хиёнати онҳо дар назди оммаи меҳнаткаш ошкор» шуд (То охир решакан мекунем / Тоҷ. сурх. - 1933. - 11-уми июн. - №132 (1431). - С. 2).

Ин раҳбарон пас аз муқовимат ва саркӯбии шадиди ҳизбиву давлатӣ ва пас аз сабукдӯшӣ аз вазифа соли 1934 барои таҳсил ба шаҳри Маскав фаро хонда шуда ва се-чаҳор соли охири умрашон дар ихтиёри Кумитаи марказии Ҳизби коммунист қарор ёфт. Ҳоҷибоев ва Махсум - ду лидери сиёсии тоҷик солҳои 1934-1937 дар Институти иқтисодии Профессураи сурх шунаванда гардида ва дар кӯчаи Серафимович, бинои 2, хонаи 387 умр ба сар бурданд.

Аз чигунагии муносибати замона ба ин раҳбарон дар институт огоҳ нестем. Ҳамин қадар медонем, ки дар ҷаласаҳои институт низ пайваста «иштибоҳ»-у «рафтори дағали сиёсӣ»-ашон шадидан муҳокима ва танқид мешудааст. Ҳатто, аз рӯйи санади муаррихон фишурдаи (реферат) илмии Абдураҳим Ҳоҷибоев «Ҳаракати Стаханов ва истеҳсолоти меҳнат»-ро аз он сабаб маҳкум кардаанд, ки бо Николай Бухарин ошноӣ дошта ва бо шинухезаш “таъсири ғояҳои ӯро гирифтааст” (Б. Ходжибаева. Абдурахим Ходжибаев, с. 152).


Ҳамин тавр, ҳар ду баробар - 25-уми январи соли 1937 ба қатл маҳкум мешаванд...

Набераи қаҳрамон

Муҳаббат-оча (ҳуҷандиҳо бибиро оча мегӯянд) дар саҳни ҳавлии барҳаво моро пешвоз гирифтанд ва бо чеҳраи кушод ба меҳмонхона даъват намуд-

ҚАҲРАМОН

Ҳоҷибоев чӣ гуна қудо шуданд?



Абдураҳим Ҳоҷибоев

данд. Даромадан замон рӯйи миз портретҳо, аксҳои таърихӣ, мактубҳо ва китобҳоро дида, пурсидам:

- Шумо аз афташ ба омадани мо омода шудаед...

- Бале,- гуфтанд Муҳаббат-оча ва ба китобҳо ишора карда, ба суҳбат идома доданд: “Ин ду китоб барои ман азиз аст. Онҳоро ду набераи бобоҳоям чоп кардаанд. Якеро Матлубаи Мирзоюнус - набераи Абдураҳим Ҳоҷибоев, дигареро Баҳринисо Қобилова - набераи Нусратулло Махсум”.

Ман аксҳову номаҳо ва китобҳоро як-як аз назар гузаронида, хоҳиш мекунам, ки қиссаи вохӯрии падару модарашонро бароям қисса кунанд.

Муҳаббат-оча оҳи сард кашида, ба Матлубаи Мирзоюнус мурочиат карданд:

- Гиряам меояд. Ҳамаро гуфта наметавонам. Шумо гӯед, ман илова мекунам.

Профессор Матлубаи Мирзоюнус ҳаводиси 8 даҳа пеши оилаашро чунин ба ёд меорад:

- Оилаи Ҳоҷибоевҳо 5 фарзанд буданд: 2 хоҳар - Мағфиратхон ва Монатнисо ва се додар - Абдураҳим, Салимбой ва Абдуманнон.

Баъд аз оне, ки соли 1934 Абдураҳим Ҳоҷибоев ва Нусратулло Махсумро бо баҳонаи таҳсил дар Институти иқтисодии Профессураи сурх ба Маскав мефиристанд, барои онҳо дар кӯчаи Удалтсов дар канори Дарёи Москва як хонаро ҷудо мекунанд. Дар як қисмати ин хона оилаи Ҳоҷибоев ва дар қисмати дигар оилаи Нусратулло Махсум ҷой гирифта буданд. Нусратулло Махсум аз оилаи якумашон, ки зодаи Раштонзамин буданд, як писар доштанд: Анваршоҳ. Пас аз вафоти ҳамсари аввалашон он кас дуюм маротиба бо як бонуи қуқандӣ оиладор мешаванд ва фарзандони дигарашон - Мунаввар, Хосият, Акбар (академик) ва Музаффар ба дунё меоянд. Аммакалони мо Мағфиратхонро Нусратулло Махсум ба писари калониашон Анвар келин мекунанд.

Хушбахтӣ дер давом накард

- Тарҳи ин оила чӣ тавр ба вуҷуд омад?,- суол мекунам аз Муҳаббат-оча.

Посухи эшон чунин буд:

- Вақте Абдураҳим Ҳоҷибоев дар Москва зиндагӣ мекарданд, хоҳаронашон пайваста ба назданшон рафта меомаданд. Ҳатто дар курсҳои махсуси Москва низ таҳсил карда буданд. Чун ин ду оила дар як хона зиндагӣ мекарданд, модарамро падарам дида, хуш мекунанд ва хостгор мешаванд. Ҳамин тавр, онҳо издивоҷ мекунанд. Аз ин издивоҷ ду фарзанд мешавад: Ман - Муҳаббатхон Анваровна (дар шиноснома Тамара), соли таваллудам 1938 ва хоҳарам худораҳматӣ Роҳатхон Анваровна (дар шиноснома Алла), соли таваллудашон 1940. Соли 1941 падарам ба ҷанг мераванд ва соли 1942 ба ҳалокат мерасанд. Модарам бо ду кӯдак танҳо монданд.

Гиря Муҳаббат-очаро гулӯгир мекунад.

- Аммакалонҳои мо Мағфиратхон ва Монатнисо ҳар ду занҳои босавод буданд. Пайваста мутолиа мекарданд ва дар даврони калонсолӣ ҳар ду биотун буданд ва дар маъракаҳо дуохонӣ мекарданд. Ҳар ҳафта ба хонаи мо меҳмон шуда, хати арабиро ба ман омӯзониданд,- гуфтанд Матлубаи Мирзоюнус.

Муҳаббат-оча худро ба даст гирифта, аз пиёла як қулт чойи сард ошомиданд ва ба суҳбат идома доданд:

- Падару модарам ҳамдигарро дӯст медоштанд. Чун падарам низомӣ буданд, дар ҳар минтақа хизмат мекарданд. Бинобар ин, ақди никоҳашон дар Украина баста шуду ман дар Владивосток ва Роҳатхон дар Харков таваллуд шудем. Модарам мегуфтанд, ки падарат шахси меҳрубон буд ва шуморо сахт дӯст медошт. Вақте ҷанг оғоз мешавад, соли 1941 аз аввалин нафароне буданд, ки ба фронт мераванд. Лекин қабл аз ин, моро ба поезд савор карда, ба Тоҷикистон мефиристанд. “Дар ҷанг сарнавишти ман чӣ мешавад, худо медонад. Шумо бояд дар Ватан бошед. Агар бо ман коре шавад ҳам, дилам тахт, ки шумо бесоҳиб наметонед” гуфта, моро ба Ватан гусел мекунанд. Вақте бувам меоянд, на ҷойи кор, на шароит на хона. Бинобар ин, дар хонаи падар меистанд. Хеле азоб кашиданд.

Пайванди “душмани халқ”

Муҳаббати самимии Анвар Нусратуллоевич ба ҳамсараш Ҳоҷибоева Мағфират аз аксҳо ва номаҳое, ки аз фронт фиристода шудааст, эҳсос карда мешавад. Ӯ ба ҳамсараш бо



Муҳаббат Анваровна Махсумова - набераи Нусратулло Махсум бо Матлубаи Мирзоюнус набераи Абдураҳим Ҳоҷибоев.

Мактубҳои Анвар Нусратуллоевич аз фронт.

меҳрубонӣ “азизам” гӯён мурочиат менамояд ва ҷигарбандонашро Аллочка ва Тамарочка гӯён навозиш мекунад. Вале дар қалби Анвар Нусратуллоевич ва ҳамсараш ҳамеша тарсу ҳарос буд, зеро онҳо ҳар ду аз оилаи “душмани халқ” буданд. Фақат аз хонаводаи Абдураҳим Ҳоҷибоев ҳамон солҳо 11 нафар зиндонӣ шуда буданд. Оилаи Нусратулло Махсум низ аз ин фоҷеа эмин набуд.

Бинобар ин, вақте Мағфират Ҳоҷибоева ба Ватан бармегардад, зиёд азоб мекашад. Муҳаббат-оча мегӯянд, ки “модарам ҳамагӣ як рӯз дар мактаб кор карданду халос, дигар як умр дар колхоз заҳмат кашиданд”. Шояд тамғаи “душмани халқ” имкон надод, ки ин бону корҳои идорӣ кунад.

Аз аризае, ки 13-уми январи соли 1961 ба Комиссариати ҳарбии вилояти Ленинободи РСС Тоҷикистон шахрванд Ҳоҷибоева Мағфират, истиқоматкунандаи ноҳияи Хуҷанд, ҷамоати Унчӣ, кӯчаи Низомӣ, хонаи 12 навиштааст, бармеояд, ки ӯ зиндагии борифоҳе надоштааст. Гарчанде соли 1958 Абдураҳим Ҳоҷибоев ва Нусратулло Махсум сафед шуда буданд, вале ӯро ҳамоно мушкили молиявӣ домангир будааст ва ӯ хоҳиш мекунад, ки нафақаи шавҳари дар ҷанг ҳалокшудаашро барояш диҳанд...

Пайванди элитаи сиёсӣ

Вақте соли 1934 Нусратулло Махсум ва Абдураҳим Ҳоҷибоевро ба Москва фиристоданд, онҳо гумон намекарданд, ки ба “бадарға” мераванд ва сарнавишташон дар охир ба ҳайси “душмани халқ” ба анҷом мерасад. Табиист, ки онҳо дар дил орзуҳо мепарвариданд ва дар сар барои ояндаи миллаташон нақшаҳое доштанд. Пайванди хонаводаи ду элитаи сиёсӣ чун анъана мавқеи онҳоро мустаҳкам мекард. Дигар ин ки, Нусратулло Махсуми ғармӣ хоҳари Абдураҳим Ҳоҷибоеви хуҷандиро келин карданаш низ бесабаб нест. Ин аз як тараф таърифи сиёсӣ дошта бошад ҳам, аз ҷониби дигар набудани маҳалгароӣ дар зеҳни ин ашхоси бузург буд.

Вале чӣ илоҷ? Сарнавишти ду бузургмард ба талхӣ анҷом ёфт.

Вале ин пайванд бесамар набуд. Имрӯз насли муштараки Ҳоҷибоев ва Махсум зиёд шуда, барои ободии Ватан мекӯшанд ва аксҳову ҳуҷҷатҳо ва мактубҳои зардшударо варақ зада, аз гузаштаи боифтихори хеш меболанд ва худро авлоди қаҳрамон меноманд.

- Шумо бо фарзандони дигари Нусратулло Махсум равуо доштед?,- пурсидам аз Муҳаббат-оча.

- Бале. Робитаамон хуб буд. Солҳои пеш, ки ҷавонтар будам, равуо мекардем. Моро амакҳоям Мунаввар, Акбар ва Музаффар ва ҳам аммаам Хосият хеле дӯст медоштанд. Дар маъракаҳои ҳамдигар иштирок мекардем. Ҳоло онҳо ҳама аз олам гузаштанд. Фақат ман мондаму ҳамсари Акбар Махсум.

Муҳаббат-оча 84 сол умр дорад. Ӯ таърихи зиндаест аз оилаи ду элитаи сиёсӣ.

Ҳар гоҳ, ки даст ба дуо мебардорад, аввал ба руҳи гузаштагонаш фотеҳа мехонад, баъдан барои ояндаи неки Тоҷикистон дуо мекунад. Дуо мекунад, ки иштибоҳҳои гузашта такрор нашаванд.

Одил
НОЗИР,
odil.nozir@pressa.tj



ФУТБОЛБОЗИ ТОҶИК ЭРОНРО ТАСХИР КАРД

Шеруддин Бобоев кист?



Ҳамлагари 23-солаи тоҷик Шеруддин Бобоев дар бозии тими "Санъати нафт" бо "Ҳаводор" дар Эрон голи ҳалкунанда зад.

Ин аввалин бозии ӯ дар тими навпайвастаи "Санъати нафт" мебошад ва бо задани гол аввалин пирӯзии дастаашро дар ин мавсим фароҳам сохт. Пас аз ин ӯ мавриди таваҷҷуҳи расонаҳои Эрон қарор гирифт. Ӯро чун "гумшуда ва ноҷии "Бразил" (тими "Санъати нафт"-ро ба хотири пироҳанҳои зардашон, ки шабеҳи бразилиҳост, чунин меноманд)" муаррифӣ намудаанд.

Шеруддин баъди ба тими футболи "Санъати нафт" пайвастан зуд миёни мардуми Эрон мухлисони зиёди худро пайдо кард. Мардум аз ӯ хуб истиқбол намуданд. Дар шарҳи навору аксҳои ӯ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҷумлаҳое вохӯрдан мумкин аст, ки аз ӯ ситоиш карда мешавад.

Шеруддин 21-уми апрели соли 1999 дар Тоҷикистон ба дунё омадааст. Ӯ аз хурдӣ ба футбол пайваст ва дар синни 17-солагӣ ба дастаи "Истиқлол" пайваст. Ӯ инчунин дар дастаҳои "Барқчӣ" ва мунтахаби миллии футболбозони то 19-сола ва то 23-сола бозӣ кардааст. Соли гузашта тибқи шартнома шомили дастаи "Мақтаарал"-и Қазоқистон буд ва пеш аз он дар "Пенанг"-и Малайзия низ бозӣ кардааст. "Пахтакор"-и Ӯзбекистон мехост ӯро ба тими худ ворид намояд, вале гуфтушуниди онҳо номаълум боқӣ монд. Чанде пеш Шеруддин бо бастани шартнома ба тими "Санъати нафт"-и шаҳри Ободони Эрон пайваста ва мехоҳад Қаҳрамони лигаи Эрон шавад. Бобоев дар дастаи "Санъати нафт" дар қатори 7 бозингари қимматтарин шомил мебошад, ки қимати ӯро 250 ҳазор евро муайян кардаанд.

Шеруддин дар "Истиқлол" дар 92 бозӣ кардаву 53 гол ба самар расонидааст ва 8 ҷоизаҳои гуногунро ҳангоми дар ин даста буданаш соҳиб шудааст. Аз 25 бозии дар "Барқчӣ" анҷомдода 7 гол вориди дарвозаи рақибон намудааст. Дар "Пенанг"-и Малайзия 22 бозӣ анҷом дода, ба задани 6 гол мушарраф шудааст, вале дар "Мақтараал"-и Қазоқистон ба задани гол даст наёфтааст. Солҳои 2018 бо 12 ва 2019 бо 16 гол ду маротиба беҳтарин голзани лигаи Тоҷикистон эътироф гардидааст.

Сомонаи "ВАРЗИШИ СЕ" менависад: «Шеруддин дар поёни бозӣ ва ба забони форсӣ бо хабарнигорони ҳозир гуфтугӯ кард ва дар мавриди голи задааш гуфт: хеле хушҳолам, ки бозиро бо пирӯзӣ пушти сар гузоштем ва худам ҳам тавонистам, ки голзанӣ кунам. Ин бурдро ба ҳаводорон ва мардуми Ободон тақдим мекунам".

Шеруддин Бобоев сеюмин ҳамлагари мунтахаби футболи Тоҷикистон аст, ки пас аз Вахдат Ҳаннонов ва Эҳсони Панҷшанбе, ки яке дар дастаи "Персеполис" ва дуюми дар дастаи "Зобоҳан" хунарнамоӣ мекунанд, ба дастаи Эрон гузашт.

Шеруддин ният дорад, ки ба василаи бозӣ дар Эрон бо зиндагии мардум, урфу одат, таъриху фарҳанги мардуми Эрон, ки бо Тоҷикистон пайванди ҳамзабонӣ дорад, ошно гардад. "Ҳадафи ман ин аст, ки битавонам ҳамроҳи тимам ба муваффақият бирасем ва бозии худро хубтар кунам, голзани беҳтарин шудан дар хуни ман ҳаст ҳамеша ва ҳама ҷо мехоҳам битавонам ба ин дастоварда бирасам",- мегӯяд ӯ.

Дар мавриди он, ки бархе назар доранд Тоҷикистон футболи хуб надорад ва футболбозон аз он фирор мекунанд, Шеруддин мегӯяд: "Метавонам бигӯям, лигаи Тоҷикистон ҳанӯз футболи хубро дорад, албатта лигаи Эрон сатҳи болотар дорад, аммо лигаи Тоҷикистон низ қавӣ аст, ҳар бозикуне наметавонад дар онҷо бозӣ кунад. Ман дар лигаи Тоҷикистон бозӣ кардаам ва медонам, ки дар робита бо чӣ суҳбат мекунам. Албатта лигаи Тоҷикистон монанди Эрон ва Ҷопон нест, аммо ба ҳар ҳол шароити хуб дорад".

Таҳияи
Идибеки САИД

МАНИЖА ИЗДИВОҶ КАРД

(Аввалаш дар саҳ.2)

Манижа соли 2021 чун намояндаи кишвари Русия дар озмуни муътабари "Евровидение" иштирок карда, дар байни 41 довталаб ҷои 9-умро касб намуда буд. Ладо Кватания - дӯстписари ӯ муаллифи консепсияи хунарнамоии Манижа дар "Евровидение" бо таронаи "Русская женщина" буд ва барои дастгирии Манижа ба Нидерландия низ рафта буд.

Манижа Сангин зодаи шаҳри Душанбе буда, 31 сол дорад. Соли 1994 оилаи онҳо ба Маскав мекӯчанд. Манижа хатмкардаи риштаи равоншиносии Донишгоҳи давлатии гуманитарии Русия аст.

Манижа соли 2007 бо таҳаллуси Ру.Кола ба майдони ҳунар баромад ва таронаи аввалинаш бо номи «Пренебрегаю» ӯро дар саросари Русия машҳур гардонд. Соли 2008 Манижа нахустин албоми суруҳояш бо ҳамин ном нашр шуд.

Ҳангоме, ки Манижа ба ҳайси намояндаи Русия дар озмуни "Евровидение" соли гузашта интихоб шуд, вокунишҳои зиёди манфие ҳатто аз ҷониби шахсиятҳои шинохта вирди забонҳо гашт. Барои русҳо шубҳаовар буд, ки як тоҷикистонӣ Русияро дар озмуни асосии мусиқии Аврупо намояндагӣ мекунад. Манижа Сангин дар посух гуфт, ки "муносибати бадбинона ба пирӯзии ӯ ҳамчун як нафари зодаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки мушкили миллатгароӣ ва бегонабадбинӣ дар Русия дар сатҳи ҷиддӣ вуҷуд дорад".

Замоне ақди никоҳи Манижа доир гаштааст, ки бинобар мавқеи мухолифаташ ба ҷанги Русия дар Украина ба вокунишҳои бадбинона дар Русия дучор шудааст. Моҳи июн ин бадбиниҳо боис шуд, ки масъулони ҷашнвораи "Стереолето" дар Петербург номи ӯро аз рӯйхати иштирокчиён бигиранд.


Баъди он, ки иштироки Манижаро дар чандин консерту барномаҳо дар Русия боздоштанд, ӯ тасмим дорад ба кишварҳои Осиёи Миёна равад ва консертҳои худро баргузор намояд.

Рӯзи 9-уми октябр Манижа дар зодгоҳаш - шаҳри Душанбе таҳти унвони "Шаҳри Хуршед" дар "Кохи Суруш" консерт барпо мекунад. Ӯ дар саҳифаи фейсбукии худ вохӯрии деринтизор ва хурсандиовараш бо Душанбе чунин баён намудааст: "Душанбеи ман! Шаҳри офтобии ман!".

Беҳном Бонӣ:

ОШИҚИ ТОҶИКИСТОН ШУДАМ!

Санаи 3-юми сентябр консерти сарояндаи маъруф Беҳном Бонӣ мухлисонаи таронаҳои эрониро дар Амфитеатри Душанбе ба ҳам овард. Беҳном дар рафти консерташ ҳамвора такрор мекард: "Ман ошиқи Тоҷикистон шудам!".



Беҳном Бониро меҳмоннавозии тоҷикон ба ваҷд оварда буд.

"Ман ба Тоҷикистон аввалин бор омадам. Қаблан ҳамкорони ман омада буданд ва аз Тоҷикистону меҳмоннавозии мардуми он зиёд таъриф мекарданд ва диқиқан ҳамин чизро дидам. Ҳатто дар маросими арӯсӣ дидам, ки аз оҳангҳои ман истифода мешавад, бароям хеле ҷолиб буд",- гуфт ӯ.

Беҳном Бонӣ 35 сол дорад. Моҳи октябри соли 1987 дар Эрон ба дунё омадааст. Меҳри санъату ҳунар аз овони кӯдакӣ дар дилаш маъво гирифта, ҳанӯз аз синни 10-солагӣ Беҳном машқи суруд мекард ва дилбохтаи мусиқиву оҳангҳои дилнавоз буд, вале нияти сароянда шудан надошт. Беҳном мехост ҳамчун марди асил думболи касби мардонаеро бигирад ва бо ҳамин мақсад ба факултаи муҳандисии донишгоҳ дохил шуд.

Беҳном Бонӣ аз рӯйи ихтисос муҳандиси сохтмон бошад ҳам, меҳри суруду мусиқӣ билохира ӯро ба ҷодаи санъат оварда, аз паси эҷоди суруду таронаҳои дилнишин гашт.

Азбаски офаридгор ба ин ҷавонмарди хушқавора садои ширину дилчаспе эҳдо намудааст, Беҳном туфайли ҳунару истеъдоди худододаш ба зудӣ миёни мардумони олам маъруфу машҳур гашта, таронаҳояш дар дилу дидаи ошиқони санъати эстрадӣ ҷо гирифтанд. Имрӯз Беҳном Бонӣ ба қатори сарояндагони машҳури эронитабори олам дохил шуда, бо даъвати мухлисони бешумораш ба кишварҳои мухталифи ҷаҳон ба сафарҳои ҳунарӣ меравад.

"Кӯшиш мекунам таронаҳоям мондагор бошанд ва дар ду ё се моҳ фаромӯш нашаванд. Ман мехоҳам, ки оҳангҳои маро ҳама қишри ҷомеа гӯш кунанд, аз ҷавон то солхӯрда. Шеъру оҳанг барои як овозхон бисёр муҳим аст, зеро барои мондагор шудани як ҳунарманд кумак мекунад",- мегӯяд ӯ.

Беҳном Бонӣ баъди нарм шудани муносибати Тоҷикистону Эрон яке аз аввалин сарояндаҳоест, ки ба кишвари мо сафари ҳунарӣ анҷом дод. Ӯ мегӯяд, ки аз хуб шудани муносибати ду кишвар хушҳол аст. Дар ин маврид Беҳном мегӯяд: "Хушҳолам аз ин мавзуъ ва мехоҳам миёни тамоми дунё сулҳ бошад. Ҳамин буд, ки мо ба Тоҷикистон омадем ва консерт баргузор мекунем. Инҷо бисёр чизҳоро дидам, ки форсӣ ҳастанд. Номи хиёбонҳо исми шуарои мо аст. Ҳар ҷое, ки меравам, аксҳои Рӯдакиву Ҳофизро мебинам. Ин барои ман хеле зебо аст. Умедворам, на танҳо байни мо, балки тамоми дунё сулҳ бошад. Ҷанг набошад".

Беҳном Бонӣ мегӯяд, ки қасд дорад борҳои дигар ба Тоҷикистон ояд. "Аз ошноӣ бо мардуми Тоҷикистон хеле хушбахтам. Хушҳолам, ки инҷо мусиқиҳои маро гӯш мекунанд ва бо оҳангҳои ман хотира сохтаанд. Мардум инҷо энержии хуб доранд. Ҷаззобтар барои ман ин аст, ки ҳамаи мардум форизабонанд ва бо ман ҳамзабон. Ҷойҳои зиёде рафтем, эҳсос кардам, ки мардум аҳли шодиву мусиқӣ ҳастанд",- мегӯяд ӯ.

Диловар ҚОДИРПУР,
журналист

АЗ ФАРҲАНГИ ИСТИФОДА ТО ТАҲАММУЛПАЗИРӢ

Корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ чиро бояд донанд?

Имрӯз фазои маҷозӣ ба майдони бузурги муошират табдил ёфтааст. Дилхоҳ шахс ҳар чизеро меписандад, ба шабакаҳои иҷтимоӣ мегузорад, фикрашро баён мекунад, савол медиҳад ва назари масъулеро пурсон мешавад. Бархе кӯшиш мекунанд, ки ахбори саҳеҳро дарёфт кунанд. Аммо гуруҳи дигар ахборро насанҷида, ба гуруҳҳо мекоранд. Яъне, ба назар мерасад, ки на ҳар истифодабарандаи шабакаҳои иҷтимоӣ аз фарҳанги он бохабар аст. Он чӣ оқибат ба бор меорад? Мутахассисон, корбарони интернет дар шабакаҳои иҷтимоӣ чӣ назар доранд?



ҲАР ЛАҲЗА КОРБАРОН ПОСТҲОИ ГУНОГУНРО ДАР ШАБАКАҲО МЕКОРАНД. ОҚИБАТИ СУХАНИ ГУФТААШОНРО, КИ БАЪЗАН ДАР ОН БӮЙИ ХУСУМАТ, ТАҲҚИР Ё МАҲАЛГАРОӢ БА НАЗАР МЕРАСАД, ФИКР НАМЕКУНАНД. АММО АХЛОҚ БОЯД МЕҲВАРИ АСОСИИ ГУФТУГӮ Ё НАВИШТ ДАР ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ЗЕРИ ШАРҲҲО БОШАД.

Аз таҳқиру таҳдид то суханҳои фаҳш

Нафаре агар дар шабакаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла “Фейсбук” ё “Ютуб” маводи сиёсӣ ва ё диниеро пахш намояд, зуд мавриди ҳамла ва таҳқири истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ қарор мегирад. Бештари истифодабарандагони интернет намедонанд, ки чӣ менависанду чӣ мегӯянд. Ба мушохида мерасад, сокинон маводҳоеро, ки таҳқиркунанда ва бадномкунанда ҳастанд, ё хусусияти маҳаллӣ, динию мазҳабӣ доранд, пахш месозанд, то аудиторияи худро васеъ созанд ва ба ҳамин васила ба мақсадҳои худ ноил гарданд. Истифодабарандагоне, ки саводи расонаӣ надоранд, зуд ба “ҳуҷум” мегузаранд ва оқибати амали худро дарк намесозанд. Имрӯзҳо дар бештари маврид шабакаҳои иҷтимоӣ минбари чунин баҳсҳо гаштаанд ва сокинон зуд ба онҳо бовар мекунанду саҳеҳияти хабарро ҷустуҷӯ намекунанд.

Саодат Муминова фаъоли шабакаи иҷтимоии “Фейсбук” аст. Ӯ мегӯяд, ки “имрӯзҳо дар комментарияҳои шаҳрвандон суханони кӯчагии фаҳш, туҳмат, таҳдид, таҳқир озодона чоп мешаванд. Аз қабили "сӯхта гирифт", бе қарори суд инсонро "хоини миллат" эълон мекунанд, "шумо мамлакатро ба ҷанг овардед" мегӯянд, хулоса на модар мемонанд, на хоҳар. Ҳар рӯз тамғаҳои навро ихтироъ мекунанд ва бо ҳар баҳона ба ҳар кас часпонидани тамға ва амсоли ин. Одоби баҳси ботаҳаммул бо далелҳои қотеъ ва нашикастани қолабҳои фарҳангӣ ва этикӣ бояд риоя шавад. Ин амалҳо боз аз нав ба баҳсҳои кӯчагии пуч ва таҳқирҳои беасос оварда мерасонанд”.

Хабарро аз манбаи боэътимод бояд ҷуст

Муқаддас Ҳалимова корманди Китобхонаи миллӣ аст. Ӯ ҳамчун коршинос ва истифодабарандаи фаъоли шабакаҳои иҷтимоӣ дар суҳбат ба мо гуфт: “Аслан, ба чунин маводҳо эътибор додан даркор нест, зеро онро шахсоне пахш мекунанд, ки бештарашон хонашин ҳастанд ва дурӯғ мегӯянд. Шахсан ман онҳоро аз шумори дӯстонам пок мекунам. Хуб мешуд, ки сокинон ахбори дурустро аз ВАО-и кишвар, телевизиону радио, рӯзномаву маҷаллаҳо, ки самти фаъолияти онҳо расонидани иттилоот ба мардум аст, пайгирӣ кунанд”.

Насрулло Наимов, сокини пойтахт мегӯяд, ки “набояд дар шабакаҳои иҷтимоӣ шаҳрвандон маводҳои хусуматомез пахш кунанд. Шахсоне, ки онро пайгирӣ ҳам мекунанд, набояд аз таҳқиру дашном истифода баранд. Аз ин рӯ, ниҳодҳои марбутаро мебояд назорат баранд. Сокинон ахбори дурустро метавонанд аз сомонаҳои расмӣ пайдо кунанд. Расонаҳои расмӣ албатта ба ҳар навиштаи худ ҷавобгар ҳастанд. Сомонаҳое, ки мавқеи расмӣ надоранд ва номаълум, ки ба кадом ҳадафҳо таъсис дода шудаанд, шубҳаангез мебошанд”.

Саводи расонаӣ чист?

Қутбиддин Мухторӣ, коршиноси масоили расонаӣ бошад, мафҳуми “саводи расонаӣ”-ро чунин шарҳ дод: “Сабаби омӯзиш ва дониста-ни мафҳуми “саводи расонаӣ” майдони васеъ будани шабакаҳои иҷтимоӣ барои паҳн намудани ахбору иттилоот аст. Ҳама дониставу надониста манбаъ ва сарчашмаи пахши иттилоот шуданд. Ана, ҳамин чизҳо тақозои онро ба вуҷуд овард, ки ҳама бояд “саводи расонаӣ” дошта бошанд. Ҳар касе, ки ақлу малакаи дидану шунидани ахбору иттилоотро дошта бошад, бояд аз саводи расонаӣ бохабар шавад. Умуман, саводи расонаӣ ду ҳадаф дорад: таҳлили ҳама гуна иттилоъ ва дақиқ намудани сарчашма ё саҳеҳии он. Пахши дурусти иттилоот низ муҳим аст. Зеро иттилое пайдо мешавад, ки боис ба ихтилофи миллӣ, маҳаллӣ, қавмӣ ва ғайра мегардад. Ба ғайр аз ин, аз ҷониби шахсоне, ки “саводи расонаӣ” надоранд, имкони пахши маводе мешавад, ки шаъну шарафи нафаре поймол гардад. Ҳатто, боис ба зери хавф мондани ҳаёти касе гардад ва ё хабареро пахш намояд, ки умумӣ набуда, ба ҳаёти шахсии нафари алоҳида дахл дошта бошад. Масалан, пахши навору маводҳои маҳрамона. Келини фалонӣ фалон кор кард, ё духтари фалонӣ фалон. Аслан, бояд чунин навору маводҳо паҳн нагарданд. Аз ин ҷиҳат, “саводи расонаӣ” торафт барои ҳамин аудитория муҳимият пайдо мекунад”.

Ба андешаи мавсуф, мардум назари интиқодӣ надоранд ва зудбовар ҳастанд. Инчунин, истифодабарандагон таҳаммулпазир нестанд.

Ҳоло мушоҳида менамоем, ки майдони истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ торафт васеътар мегардад. Ҳар лаҳза корбарон постҳои гуногунро дар шабакаҳо мекоранд. Оқибати сухани гуфтаашонро, ки баъзан дар он бӯйи хусумат, таҳқир ё маҳалгароӣ ба назар мерасад, фикр намекунанд. Аммо ахлоқ бояд меҳвари асосии гуфтугӯ ё навишт дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва зери шарҳҳо бошад. Агар хонанда ба чунин хабарҳо ҳам рӯ ба рӯ шавад, лозим аст, ки такя ба манбаъҳои эътимодбахш намояд.

Идибеки САИД

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ОМӮЗИШ

► Дарси математика барои хонандагони синфҳои болоӣ. Тел: 98-745-18-78.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрести №1ш-2037-и гумшуда, ки онро нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсӣ 25.06 соли 2022 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Мушфиқӣ, хонаи 103, ҳуҷраи 11 ба Бегов Ҷамшед Юсуфович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Ҳ у ҷ ҷ а т и тасдиқкунандаи афсари ҶТ №007194-и гумшуда, ки онро Вазорати мудофиаи ҶТ соли 2021 ба Кулулов Д у с т м у р о д Маҳмадшарифович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Ш и н о с н о м а и техникӣ, рақами қайд №7511, бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Сари Осиё (Чекалина), хонаи 46б ба номи Қурбонов М у ҳ а м а д н у р у л о Т о ш м а ҳ м а д о в и ч, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Иқтибос аз варақаи бақайдгирии №71454 аз 04.4 соли 2022 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Сино, хонаи 48, ҳуҷраи 23 ба номи Ғаюров Саймумин Асрорович, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-АТА №0098169-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7-и ноҳияи Ховалинг, ҷамоати Шугнов соли 2003 ба Усмонов Роибназар додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ЛВ №439459 бо рақами қайди 531-и гумшуда, ки онро Институти п о л и т е х н и к и и Тоҷикистон 30.06 соли 1986 ба Салимов Икром Исломович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрести 1Ш-90-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ваҳдат 30.01 соли 2008 бо суроғаи шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Шарифзода, хонаи 75 ба Усмонова Б и б и м а й р а м Лугмоновна додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Ш и н о с н о м а и техникӣ бо варақаи қайди №2923 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, пос. Аргувон 35, ҳуҷраи 3 ба номи Назаров Маҳмадулло Ҷураевич, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ПВ №785369 бо рақами қайди №120-и гумшуда, ки онро ДМТ соли 1988 ба Ҳайдарова Иқлима М и р з о м у р о д о в н а додааст, беэътибор дониста шавад.

► Ш и н о с н о м а и шаҳрвандӣ бо силсилаи А01572049 аз 10.10 соли 2018, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Ф и р д а в с ӣ, Ш а ҳ о д а т н о м а и таваллуд АА №0719634, ки онро ЗАГС-и ноҳияи Фирдавсӣ 07.08 соли 2012, Аттестати хатми синфи ёздаҳ Т-АТУ №0680162, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 2019 ба Ҷамиев У м а р ҷ о н М а ҳ м а д а л и е в и ч додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шаванд.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 72/6, ҳуҷраи 36 ба номи Манонова Маҳина Шамсидиновна, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-АТА №1107144-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №24-и ноҳияи Фирдавсӣ соли таҳсили 2019-2020 ба Нозанини Исмоилзода додааст, беэътибор дониста шавад.

► Ш и н о с н о м а и техникии ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Анзоб, хонаи 182а ба номи Ҷураев Ҳозир бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Ҳафизов Ҳусен К а р о м а т у л л о е в и ч, РЯМ: 3330083818, РМА: 335592704, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадя бо реестри №1ш-1604 аз 03.09 соли 2021 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи дуюми кӯчаи Бинокорон 3, хонаи 1 ба номи Нуров Баҳодур Қ у р б о н а л и е в и ч, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Ш и н о с н о м а ҳ о и г у м ш у д а и шаҳрвандони Россия ба номи Хамидов Забибулло - Махсум Боходурович, ки онро соли 2019 ва Хамидова Адлия Боходуровна, ки онро соли 2016 Сафорати Россия дар Тоҷикистон додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шаванд.

► Ш и н о с н о м а и шаҳрвандӣ бо силсилаи А6352518-и гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Ховалинг 07.06 соли 2011 ба Гулмуродова П а р в и н а Қ у р б о н а л и е в н а додааст, беэътибор дониста шавад.

► Ш и н о с н о м а и техникӣ бо варақаи бақайдгирии №1648, рақами инвентарии 21893 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, кӯчаи Хлопковий, хонаи 59 ба номи Дубинина Людмила Фёдоровна, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Ш и н о с н о м а и шаҳрвандӣ бо силсилаи А01091574-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи И. Сомонӣ 27.10 соли 2017 ба Сайдалиева Нилуфар Файзалиевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Шамсов Сафарали РЯМ: 3330036078, РМА: 335054670, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҷ. Балхӣ додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №669465-и гумшуда, ки онро Литсейи касбии дӯзандагии №33 соли 1985 ба Абдуқахорова Саломат Абдупатоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Ҳикматов Исроил С а и д ҳ о м и д о в и ч, №0387403, РЯМ: 1230199163, РМА: 047115298, санаи судур 11.10.2019 с., ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Ш и н о с н о м а и техникӣ ва шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрести 9Д-4181 аз 08.11 соли 1993, ки онро Идораи нотариалии якуми шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Зафар, хонаи 267 ба Суламаев Рамазон Сафарофич додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи гумшудаи №0233074, таҳти рақами бақайдгирии 7111-и гумшуда, ки онро факултаи ҳамшираи тиббӣ барои м у а с с и с а ҳ о и кӯдаконаи Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе соли 1986 ба Ҷабборов Хурсанд Нуралиевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-АТА №1077928-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №54-и ноҳияи Сино 10.07 соли 2020 ба Сафарова Заира Илҳомовна додааст, беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХУРАД

► ҶДММ “МАҲМУД АЛИ" №0277559, РЯМ: 2210004271, РМА: 2 2 0 0 0 8 6 2 8, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд. Тел: 919-666-400

► ҶДММ "Зафарҷон С", №0254501, РЯМ: 1410002578, РМА: 1 4 0 0 0 5 2 4 5, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд. Тел: 907-30-46-46

► ҶДММ "Фируз Об", №0265979, РЯМ: 0110022954, РМА: 0 1 0 0 9 8 5 3 4, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд. Тел: 008-44-29-29

Зодрӯз муборак!

Апаи Назирачони мо, Шуморо ба ҷашни зодрӯзатон табрик мегӯем. Бигузор чӣ орзуҳои неке, ки дар дил доред, ҷомаи амал пӯшанд.

Аз номи аҳли ҳамкурсҳо



ҶАВОБИ СКАНВОРДИ №35

	Н	А	Д	А	Л		С	А	Ф	О	Л
Т				Ф			О				Е
О				З	У	Л	Ф				Б
Б				О		У					Р
Е				И	К	А	Р				О
И		Ш	А	Ш		Н		Б	А	Я	Н
Я	Л	А				Д		Р		К	
Т		М	А	Н	С	А	Р	А	Н	Е	С
		М		А			И		О		
О	В	А	Н	Г		М	А	Т	Б	А	Х
М				А	Л	И					У
О				С		С					С
Н				А	А	Р	Е				Е
И				К			В				Й
М	Е	С	С	И		М	А	Й	Д	О	Н

Тақвими моҳона



Ҳамал
21.03 - 20.04

Зодагони мучали ҳамал дар ин ҳафта бо тахт намудани ҳуҷҷатҳои муҳими оилавӣ машғул мешаванд. Маъракаву вохӯриҳо зиёд мегарданд, барои ҳафтаву моҳи оянда корҳои худро ба нақша гирифтанатон лозим меояд.



Савр
21.04 - 21.05

Дар ин ҳафта ҳаҷми кори худро камтар созед, вагарна барор нагирифтани кор сабаби сар задани нофаҳмиҳо мегардад. Аз муноқишаву низоъ дурӣ ҷӯед, бо нафаре, ки аз шумо қудрати бештаре дорад, моҷаро накунед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Агар шумо дар мучали ҷавзо таваллид ёфта бошед, дар ин ҳафта ботамкин ва дар амалу рафтори худ покизакор бошед. Барои он ки дучори муноқишаву баҳси асабхаробкунанда нагардед, дар робита бо ҳамкорон ё мизоҷон ба даҳолӣ ва суханҳои озордиҳанда роҳ надиҳед.



Саратон
22.06 - 23.07

Дар ин ҳафта хоҳиши ба муваффақият ноил гаштан шуморо ба роҳи макру ҳилла мебарад. Бо нафаре вомехӯред ё гуфтугӯ мекунед, ки гирифтори фишори сахти рухӣ аст. Аз даромади хуби пулӣ ё пешравӣ дар корҳои молиявӣ ҳаловат мебардоред.



Асад
23.07 - 22.08

Нафарони дар мучали асад таваллидёфта дар ин ҳафта бо рафъ намудани мушкилии ба сари хешовандон ва дӯстон омада машғул мешаванд. Дасисабозиву амалҳои номатлубе, ки ба сари наздиконатон меояд, шуморо бетараф гузошта наметавонад.



Сумбула
23.08 - 22.09

Дар ин ҳафта аз телефон, компютер ва ҳамёни зодагони мучали сунбула маълумот ё ахбореро медузданд. Нафаре, ки маълумотҳои шуморо ба даст овардан мехоҳад, ба мақсад мерасад ва эҳтимол шумо дар ин бора ҳатто дарак ҳам намеёбед.



Мизон
25.09 - 22.10

Зодагони мучали мизон аз мушират бо нафароне, ки дар мучалҳои ҷаддӣ, сунбула ва савр ба дунё омадаанд, маълумоти зиёде ба даст меоранд. Баъзеҳо бо коре машғул мешаванд, ки дар оянда даромади хуб ба даст оварда метавонанд.



Ақраб
23.10 - 22.11

Зодагони мучали ақраб дар ин ҳафта метавонанд аз пайи анҷом додани маъракаи фотиҳа ва ақди никоҳ шаванд. Дар давоми ҳафт рӯзи ҳафта роҳҳои бартараф намудани мушкилоти рӯзгор, мушкилоти вобаста бо таҳҳизот, молу мулк ва ғайраро меҷӯед.



Қавс
25.11 - 21.12

Нафароне, ки дар мучали қавс таваллид ёфтаанд, дар ҳафтаи нав ба мушкиливу камбудиҳои наздикон машғул шуданашон лозим меояд. Аз пайи табобати беморие шуданатон лозим меояд, ки чанд муддат шуморо азият медиҳад.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.01

Дар ин ҳафта дар хонадони зодагони мучали ҷаддӣ маърака ё тӯйи арӯсӣ баргузор мегардад. Ҳамзамон хабари ҳомиладоршавӣ ё таваллиди фарзандро интизор бошед. Нафарони муҷаррадро шиносоии тақдирсоз ё дӯстона интизор аст.




Далв
21.01 - 19.02

Дар ин ҳафта ҳангоми ба бозору мағоза рафтан ва харид эҳтиёт бошед. Фаромӯш насозед, ки моли арзон бе иллат намешаваду моли қиммат бе ҳиммат. Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ молу ашёҳои худро бе назорат нагузоред, аз дуздону ҳаннотон эҳтиёт шавед.



Ҳут
20.02 - 20.03

Агар шумо дар мучали ҳут таваллид ёфта бошед, дар ин ҳафта аз хабари вобаста бо тифлон ва фарзандони ба воя расида ҳаловат мебардоред. Ба кибру ғурур роҳ надода, ба талаботи роҳбарият гӯш андозед, он гоҳ корҳоятон рӯ ба беҳбудӣ меорад.



7 ВИТАМИНЕ, КИ ПӮСТ ДӮСТ МЕДОРАД

Занҳо бештар зебову дилрабо будан мехоҳанд. Бинобар ин, ба пӯсти хеш пайваста диққат медиҳанд. Аз маҳлулҳо ва косметикаҳои қиммат истифода карда, намедонанд, ки асрори зебоӣ ва таровати пӯст дар витаминҳост.

1. ВИТАМИНИ А. Витамини А (ретинол) ва провитамини он (каротин) дар азнавшавии пӯст нақши асосиро мебозанд. Ин ду модда намии пӯстро нигоҳ дошта, монеи хушкшавии он мегарданд ва дар натиҷа пӯст аз чинҳои бармаҳал эмин мемонад. Маҳсулоти дорои витамини А: ҷигар, маҳсулоти ширӣ, зардии тухм, сабзӣ, каду, қаланфури сурх, помидор, ғулинг, мандарин, афлесун, ҷаъфарӣ ва шибит.

2. ВИТАМИНИ В12. Витамини В12 (рибофлавин) дар зебоии пӯст нақши муҳим мебозад. Бар асари норасоии ин витамин ранги пӯст коҳида, дар атрофи лаб лаҷомак пайдо мешавад, лабҳо кафида хуншор мегарданд. Умуман, пӯстпартоии бадан аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷисми шумо аз витамини В12 танқисӣ мекашад. Маҳсулоти дорои витамини В12: шир ва маҳсулоти ширӣ (хусусан чурғот, панир, қаймоқ, саршир), гӯшти беравған, ҷигар, зардии тухм, замбурӯғ, хамиртуруши нонпазӣ.

3. ВИТАМИНИ С. Витамини С антиоксиданти табиӣ ба шумор рафта, ҷараёни пиршавии пӯстро ба таъхир мегузорад. Ҷавҳари аскорбин ташаккулёбии сафедаи махсусро, ки онро коллаген меноманд ва аз он чандирӣ ву хамвории пӯст вобастагӣ дорад, ба эътидол меорад. Витамини С қодир аст рагчаҳои хурди зери пӯстро тақвият бахшида, яраву захмҳои пӯстро шифо бубахшад. Маҳсулоти дорои витамини С: меваи настаран (шиповник), смородинаи сиёҳ, лимӯ, афлесун, мандарин, чормағз, ангат (облепиха), карами дар намак хобонидашуда, ҷаъфарӣ.

4. ВИТАМИНИ Е. Витамини Е (токоферол) антиоксидантест, ки ба ҳар як ҳуҷайрача ғизову ҳаво мерасонад. Маҳсулоти дорои витамини Е: равғани растанӣ (офтобпараст, ҷуворимакка, зайтун, зағер), меваи настаран, зардии тухм, нахӯд, лӯбиё, мош, гандуми сабз.

5. КАЛСИЙ. Калсий аллергияи пӯстро рафъ намуда, ба барқароршавии ҳуҷайраҳо мусоидат мекунад. Маҳсулоти дорои калсий: шир ва маҳсулоти ширӣ, тухм, гулкарам, барги салат, пиёз, ҷаъфарӣ, себ.

6. СЕЛЕН. Селен сарчашмаи ҳақиқии ҷавонӣ аст. Ин модда афзоиши ҳуҷайраҳоро ба низом оварда, барои ҳазми витамини Е мусоидат мекунад. Масуният ва асабро тақвият мебахшад. Маҳсулоти дорои селен: гӯшт (хусусан гӯшти мурғ), панир, тухм, пиёз, чормағзи заминӣ (арахис), чормағз.

7. ЙОД. Тадқиқотҳои охири олимони ҷаҳон нишон доданд, ки дар натиҷаи норасоии йод дар организм мубодилаи моддаҳо дар қабати пӯст халал ёфта, фарбеҳӣ ба амал меояд. Маҳсулоти дорои йод: моҳӣ, карами баҳрӣ ва маҳсулоти баҳрӣ (креветка, кальмар) намаки йодноккардашуда.

КАБАЧКИ

- кадучаи сабз чӣ манфиат дорад?



Бори аввал аврупоиҳо дар бораи кабачка дар чоряки охири асри 17 шинос шуданд. Зиёда аз сад сол гузашт, ки одамон на танҳо намуди зоҳирӣ, балки таъми онро низ қадр мекунанд. Аз сабаби миқдори зиёди об (тақрибан 95%), бисёриҳо фикр мекунанд, ки кабачка амалан бефоида аст, аммо ин тавр нест.

Кабачка дорои калорияи хеле паст аст, танҳо 24 ккал дар 100 грамм. Чун қоида, кабачка ҳамчун хӯроки асосӣ истеъмол карда намешавад, бинобар ин арзиши ғизоӣ аз арзишҳои чузъҳои асосӣ иборат аст.

Кабачка ба одам аз бисёр чиҳат таъсир мерасонад. Пеш аз ҳама, истифодаи мунтазами маҳсулот ба беҳтар шудани ҳолати пӯст мусоидат мекунад.

Илова бар ин:

- холестирини зиёдатиро хориҷ мекунад;

- кори рӯдаи ҳозимаро ба эътидол меорад;

- танзими мувозинати об ва намакҳо;

- моддаҳои захролуд ва металҳои вазнинро хориҷ мекунад.

Бо вучуди ин, истифодаи кабачкаи бирёнро барои одамони гирифтори диабети қанд, гастрит ё захми меъда маҳдуд кардан лозим аст.

ДАР ҲАСРАТИ ФАҲМИ ДУРУСТ

Узви ҳайати мушоваraи "Тоҷикистон" Амина Шарофиддинова ба узвияти Иттифоқи журналистони Тоҷикистон пазируфта шуд



Узви ҳайати мушоваraи ҳафтаномаи "Тоҷикистон", пажуҳишгар ва журналисти шинохтаи самарқандӣ Амина Шарофиддинова ба узвияти Иттифоқи журналистони Тоҷикистон пазируфта шуд. Шаҳодатномаи узвиятро ба ӯ раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Зиннатулло Исмоилзода супорид.

- Мо шод аз онем, ки дар чор сол охир муносибатҳои дӯстона, бахусус робитаҳои адабиву фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон ба сатҳи сифатан нав расид. Аз ҷумла, журналистони ҷавону солор борҳо аз кишварҳои ҳамдигар дидан ба амал оварда, барои ошноии бештари ҷомеа аз муҳити эҷодиву фарҳангии миллатҳо хидмат карданд. ИЖТ танҳо ҳамин сол се журналисти самарқандиро ба узвият пазируфт, ки Амина Шарофиддинова дар ин шуморанд. Мо бо осори чопӣ, мақолаҳо ва китобҳои бону ошно шудем ва бовар дорем, ки оянда бо қалами созанда дар таҳкими дӯстиву рафоқати халқҳо боз ҳам мусоидат мекунанд, - гуфт Зиннатулло Исмоилзода.

Ба гуфтаи раиси ИЖТ, моҳҳои октябр ва ноябри соли ҷорӣ сафари мутақобилан судманди рӯзноманигорони ҳар ду кишвар дар назар аст.

Амина Шарофиддинова забоншинос, публитсист, рӯзноманигор ва узви фаъоли ҷомеаи шаҳрвандии Ӯзбекистон аст. Ӯро ба сифати яке аз лидерони фарҳангии тоҷикони Ӯзбекистон мешиносанд.

Номбурда 10-уми сентябри соли 1963 дар шаҳри Самарқанд таваллуд шудааст. Солҳои 1980-1984 сабақомӯзи факултаи филологияи тоҷики Донишкададаи давлатии омӯзгории шаҳри Самарқанд буд. Аз соли 1984 то соли 1988 дар мактабҳои шаҳри Самарқанд ба ҳайси муаллимаи забон ва адабиёти тоҷик фаъолият кард. Солҳои 1988-1998 мушовири шуъбаи маорифи ноҳияи Самарқанд буд. Аз соли 1998 то имрӯз дар Донишкадаи бозомӯзии муаллимони вилояти Самарқанд ифои вазифа мекунад.

Амина Шарофиддинова дар мавзӯи «Хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва услубии воҳидҳои фразеологии романи «Ғуломон»-и Садриддин Айнӣ» рисолаи номзадӣ навиштааст. Ин таҳқиқоташ ба шакли китоб низ нашр шудааст.

Мақолаҳои сершумораш дар матбуоти Ӯзбекистону Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ки бештарашон ба мавзуи ҳуқуқи тоҷикони Ӯзбекистон, вазъи мактабҳои тоҷикӣ дар ин кишвар, мавқеи забони тоҷикӣ ва худшиносии миллӣ бахшида шудаанд.

Муаллифи китоби дарсии «Забони модарӣ» (барои хонандагони синфи 7) мебошад. Китоби дигари ӯ «Нишони некномӣ» (2016) ба хотираи адабиётшинос Ҳамроқул Шодиқулов бахшида шудааст. Ӯ инчунин тартибдиҳандаи даҳҳо китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ мебошад. Китоби нави ӯ «Китобшиносии тоҷик дар солҳои истиқлолияти Ӯзбекистон» дар шаҳри Тошканд дар арафаи чоп аст.

Ҳамчунин, дар ин рӯзҳо китоби нави ӯ таҳти унвони "Дар ҳасрати фаҳми дуруст" дар шаҳри Душанбе ба нашр расид, ки шомили мақолаҳои илмиву публитсистии Амина Шарофиддинова аст.

АЗ ИДОРА: *Аҳли эҷоди ҳафтаномаи "Тоҷикистон" Амина Шарофиддиноваро ба муносибати пазируфта шудан ба узвияти ИЖТ, ҳамчунин, ба зодрӯзашон табрик мегӯянд. Мо ба муаллимаи азиз саломатӣ ва саодати рӯзгорро орзу дорем. Мусоҳибаи ихтисосии "Тоҷикистон"-ро бо Амина Шарофиддинова дар шумораҳои наздик мутолиа хоҳед кард.*

УСТОДИ КРИМИНАЛИСТИКА

Соли таҳсили 1978-1979. Мо, донишҷӯёни курси чоруми факултети ҳуқуқшиносӣ 1-уми сентябр ба машғулият ҳозир шуда, интизори ба синфхона ворид шудани устодон будем. Яке ҳадс мезад, ки ҳоло ба синфхона олими соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ Мансур Муллоев медарояд. Дигаре тахмин мекард, ки декани факултет Очилбой Усмонов вориди толор шуда, бо фарорасии соли нави таҳсил табрику муборакбодӣ мекунад.

Занг зада шуд. Ҳама дидаҳо ба сӯи даромадгоҳ дӯхта шуданд. Ҷавонзани миёнақади зебочеҳра бо лабони пуртабассум ба синфхона даромадан замон бо лаҳни ширин «Салом, бачаҳо!» гуфта, сари минбар рост шуд ва дарҳол худро шиносонд:

- Ман Зумрад Дадаҷоновна Ямоқова, устоди кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ буда, ба шумо аз фанни омӯзиши изи ҷинояткорӣ (криминалистика) дарс медиҳам.

Одати мо донишҷӯён аз он иборат буд, ки аз курси якум вобаста ба ҳар як устоду омӯзгори факултет ба ҳар восита маълумоти заруриро оид ба хислату феълу атворашон дастрас намуда, ҳангоми машғулиятҳо ва махсусан мавриди супоридани санҷиш ва имтиҳонҳо хеле зиракона, моҳирона ва устокорона истифода мебурдем. Зеро қариб ҳамаи устодон аз ҳисоби мардон ба мо дарс медоданд ва Зумрад Дадаҷоновна Ямоқова ҳамчун Зан - Модар нахустин шуда масъулияти басо мушкилу пурифтихорро бар уҳда дошта, бо мо машғулият мегузаронд. Аз якумин нигоҳи пурмеҳру суханони навозишомез ва муносибати меҳрубонона дарк намудем, ки муаллима донишҷӯёнро чун модар дӯст медорад. Сабаби дигараш дар он буд, ки дар гуруҳи русии курсамон писараш мехонд ва аз ин хотир ҳурмату эҳтиромашро даҳчанд зиёд ба ҷо меовардем.

Устод тӯли як соли хониш ба мо доир ба фанни таълимиаш дониши назариявӣ ва малакаи амалӣ омӯзонд ва зимни супоридани санҷишу имтиҳон он қадар ранҷу азоб эҳсос накардем ва бо тамоми масъулият зикр менамоям, ки Зумрад Дадаҷоновна яке аз маҳбубтарин устодонамон гардид.

Солҳо гузаштанд. Аз хатми факултети дӯстдоштаамон 42 сол сипарӣ гашта бошад ҳам, то ҳол бори нахуст ба синфхона даромадану нигоҳи пурмеҳру лаҳни ширин ва муносибати меҳрубононаи устодро фаромӯш накардаем ва ҳар гоҳе мо ҳамкурсон як ҷо ҷамъ



шавем, ин хислатҳои неки муаллимаро ҳатман ба ёд меорем.

Ҳаёт ҳамеша чун аспи саманд ба пеш метозад. Аллакай устоди ман, олими шинохтаи соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба синни мубораки 85 қадам гузошт ва ба ин муносибат ба муаллимаи мушфиқу меҳрубон умри дароз, шуҳрату сарбаландӣ таманно дошта, аз номи шоир мегӯям:

Ниҳоли қоматат пурбор гардад,
Туро умри наку ҳам ёр гардад.
Дар ин дунё бизӣ сад соли дигар,
Ки дунё аз паят гулзор гардад.

Зариф ҒУЛОМ,
адиб

Тақвими ТОҶИКИСТОН

7-УМИ СЕНТЯБР

ҚУРБОН ХОҶАЕВ (1947), 75-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

ҚОРӢ РАҲМАТУЛЛОҲИ ВОЗЕҲ (1807-1894), 215-солагии зодрӯзи шоир, олим, маорифпарвар.

ГРИГОРИЙ ИВАНОВ (1927), 95-солагии зодрӯзи устоди рақс, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

8-УМИ СЕНТЯБР

АКБАРҶОН ҚАЮМОВ (1967), 55-солагии зодрӯзи генерал-майор.

АБДУЛҲОФИЗИ ШЕРҒОЗӢ (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

АБДУЛҲОФИЗ РУСТАМОВ (1952-2004), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи филология, забоншинос.

ЛИДИЯ ИСКАНДАРОВА (1927-2018), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб, Табиби хизматнишондодаи ҷумҳурӣ.

9-УМИ СЕНТЯБР

ФАРРУХ ИСҲОҚӢ (1957), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб, Табиби хизматнишондодаи Тоҷикистон.

КАРИМ МАҲМУДОВ (1932-1997), 90-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

АЛЕКСАНДР ЕРМОЛАЕВ (1927), 95-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

10-УМИ СЕНТЯБР

АДОЛАТ ҶУРАЕВА (1947), 75-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор.

ТАТЯНА ХОЛОВА (1947), 75-солагии зодрӯзи актрисаи балет, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

МИДҲАТ БЕҲБУДӢ (1922-1997), 100-солагии зодрӯзи мутарҷим.

11-УМИ СЕНТЯБР

САЙФУЛЛО ҶУРАБОЕВ (1932-2006), 90-солагии зодрӯзи коргардони кино, Ходими шоистаи Тоҷикистон.

ШАРИФ ОХУНОВ (1942), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

12-УМИ СЕНТЯБР

САЪДУЛЛО АСАДУЛЛОЕВ (1932-1998), 90-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

МУТЕЪУЛЛО НАҶМУДДИНОВ (1927-2002), 95-солагии зодрӯзи тарҷумон, нависанда, Корманди шоистаи фарҳанги Тоҷикистон.

ҚУМРӢ СОДИҚОВА (1932), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи филология.

ГУЛАФЗО САВРИДДИНОВА (1947), 75-солагии зодрӯзи арбоби давлатию ҳизбӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

13-УМИ СЕНТЯБР

САВЛАТШО МЕРГАНОВ (1937), 85-солагии зодрӯзи муҳаққиқ, мушовир, олими соҳаи филология.

САФАРАЛӢ ГУЛОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи хизматчии давлатӣ ва ҳизбӣ, олими соҳаи кишоварзӣ.

ХОҶАВАЛӢ САФАРОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, профессор.

ЛЮБОВ ЛЮПЕРСОЛСКАЯ (1902-1983), 120-солагии зодрӯзи Китобдори шоистаи Тоҷикистон.

14-УМИ СЕНТЯБР

ТОШПӮЛОД САФОЕВ (1902-1974), 120-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

АЪЗАМ УСМОНОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисодӣ.

Таҳияи С. ГУЛОВ, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

ҚАДРДОНӢ

ҚАДРДОНИИ ВАРЗИШГАРОН АЗ ҶОНИБИ КМО ВА РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

Чемпиони ҷаҳон дар намуди ҷудо Эмомалӣ Нуралӣ ва ҷоизадорони Бозиҳои 5-уми ҳамбастагии исломӣ ва мураббиёнро Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон ва раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ қадрдонӣ карданд.

Аз ҷониби Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон чемпиони ҷаҳон оид ба ҷудо миёни ҷавонон Эмомалӣ Нуралӣ бо 10000 сомонӣ, мураббиаш Фаррух Собиров бо 5000 сомонӣ, барандагони медали нуқраи 5-ум Бозиҳои ҳамбастагии исломӣ бо 7000 сомонӣ, барандагони медалҳои биринчӣ бо 5000 сомонӣ, мураббиёнашон бо 3000 сомонӣ қадрдонӣ гардиданд.

Ҳамчунин ба Эмомалӣ Нуралӣ аз ҷониби раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ хонаи духучрагӣ тақдим гардид.

Эмомалӣ Нуралӣ дар Чемпионати ҷаҳонии ҷудо миёни ҷавонон, ки аз 10 то 13-уми августи соли равон дар Гуаякили Эквадор доир шуд, дар вазни -66 кг ба гирифтани медали тилло даст ёфт.

Дар Бозиҳои 5-уми ҳамбастагии исломӣ, ки аз 9 то 18-уми август дар шаҳри Қунияи Туркия баргузор шуд, ҳайати олимпии Тоҷикистон 8 медал - 3 нуқра, 5 биринҷӣ ба даст овард. Медалҳои нуқраро Илдар Аҳмадиев дар варзиши сабук (ҷаҳиш ба дарозӣ), Комроншоҳ Устопириён дар ҷудо (-90 кг), Екатерина Ишенко дар пара-тенниси рӯи миз, медалҳои биринҷиро гӯштингирон Асламҷон Азизов (юнонӣ-римӣ, -55 кг), Фирӯз Мирзораҷабов (юнонӣ-римӣ, -63 кг), ҷудочиён Шодмон Ризоев (-81 кг), Абубакри Акобир (-100 кг) ва тими ҷудои кишвар дар рақобатҳои даставӣ соҳиб шуданд.



ИСТЕЪФОИ САРМУРАББИҲО БАЪДИ БОХТҲОИ НАВБАТӢ

Ҳафтаи гузашта як бозии мавқуфмондаи даври сеюм ва бозиҳои даври чордаҳуми Чемпионати футболи Тоҷикистон миёни дастаҳои Лигаи олӣ баргузор шуданд. Баъд аз ин вохӯриҳо ду сармураббӣ аз вазифаи худ канор рафтанд.

Дар бозии мавқуфмондаи даври сеюм "Истиқлол" бар "Истаравшан" бо ҳисоби 3:0 пирӯз шуд. Ҳар се голро Шервонӣ Мабатшоев зад.

Дар доираи бозиҳои даври чордаҳум "Регар-ТадАЗ"-и Турсунзода силсилаи бозиҳои бебарорро дар Чемпионати Тоҷикистон-2022 идома дод ва бори нуҳум дучори бохт шуда, дар минтақаи хатарноки ҷадвал аст. "Регар-ТадАЗ" ин навбат дар сафар аз «Эсхата»-и Хуҷанд бо ҳисоби 0:1 мағлуб шуд. Голи ягонаро Санҷар Рихсибоев ба номаш навишт. Баъди ин бозӣ сармураббии «Регар» Ҳикмат Фузайлов истеъфо дод ва Алиёр Ашӯрмаҳмадов ӯро дар ин вазифа иваз кард.



Бозӣ миёни дастаҳои "Истаравшан" ва "Равшан"-и Зафаробод мусовӣ - 2:2 анҷом ёфт. «Истаравшан» дар давоми вохӯрӣ ду маротиба - 1:0 ва 2:1 пешсаф буд, вале натиҷаи ғалабаоварро нигоҳ дошта натавонист ва дар дақиқаи 90+4 голи дуюмро ба дарвозаи худ сар дод. Ду голи "Истаравшан"-ро Отабек Зокиров, голҳои тими Зафарободро Бахтиёр Зарипов ва Ҷаҳонгир Алиев заданд.

Дар бозии дигар голи ҳамлагар Муҳаммадалӣ Азизбоев дар дақиқаи 90+1 ғалабаи «Равшан»-и Кӯлобро бар КМВА таъмин кард. Баъд аз ин бозӣ ҳам истеъфои сармураббӣ рух дод. Мутахассиси эронӣ Амин Субҳонӣ аризаи истеъфои худро ба роҳбарияти бошгоҳ пешниҳод кардааст, вале роҳбарият то ҳол истеъфои мураббиро напазируфтааст.

"Истиқлол" дар бозии дуюми ин ҳафтааш низ пирӯз шуд ва ин навбат дастаи "Файзканд"-и Восеъро бо ҳисоби 3:1 мағлуб кард. Ба голи задаи бозигари "Файзканд" Аббос Андалебов душанбегиҳо тавассути Манучеҳр Ҷалилов (2 гол) ва Шервонӣ Мабатшоев бо се гол ҷавоб доданд.

ФУТЗАЛ

ФУТЗАЛБОЗОН БА ФИНАЛИ ҶОМИ ОСИЁ-2022 ОМОДА МЕШАВАНД

Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон дар доираи омодагӣ ба марҳилаи ниҳоии Ҷоми Осиё-2022 таҳти роҳбарии сармураббӣ Пайрав Воҳидов дар шаҳри Гулистон ҷамъомади дувоздаҳрӯзаи таълимию тамриниро оғоз кард.

Барои ин ҷамъомади таълимиву тамринӣ, ки то 15-уми сентябр идома хоҳад кард, сармураббии тими футзали кишвар Пайрав Воҳидов 14 бозигар - 2 дарвозабон ва 12 футзалбозро даъват кардааст.

Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон пас аз анҷоми ҷамъомади таълимиву тамринӣ дар Гулистон ба Дубай рафта, ҷамъомади ниҳоии тамириро қабл аз Ҷоми Осиё-2022 дар Кувайт баргузор мекунад.

Дар марҳилаи ниҳоии Ҷоми Осиё-2022, ки аз 27-уми сентябр то 8-уми октябр дар Кувайт баргузор мешавад, дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар гуруҳи «В» бо дастаҳои Баҳрайн (27-уми сентябр), Ӯзбекистон (29-уми сентябр) ва Туркманистон (1-уми октябр) бозӣ мекунад.

ФУТБОЛ

ОМОДАГИИ ҶАВОНОН БА ДАВРИ ИНТИХОБИИ ҶОМИ ОСИЁ-2023

Дастаи мунтахаби ҷавонони Тоҷикистон (U-20) таҳти роҳбарии сармураббӣ Аҳлиддин Турдиев марҳилаи ниҳоии омодагиро ба мусобиқаи интихобии Ҷоми Осиё-2023, ки аз 14-ум то 18-уми сентябр дар Душанбе баргузор мешавад, оғоз кард.

Ба ҳайат 25 бозигар - 3 дарвозабон, 8 ҳимоятгар, 11 нимҳимоятгар ва 3 ҳамлагар шомиланд. Дар дархости ниҳоии дастаи ҷавонони мо барои ширкат дар марҳилаи интихобӣ 23 бозигар ворид карда мешаванд.

Бояд гуфт, ки дар мусобиқаи интихобии Ҷоми Осиё-2023 дастаи мунтахаби ҷавонони Тоҷикистон (U-20) дар гуруҳи «I» баромад мекунад. Дастаи Тоҷикистон дар ин гуруҳ ҳамчунин бо дастаҳои мунтахаби ҷавонони Сингапур (14-уми сентябр), Лубнон (16-уми сентябр) ва Камбоҷа (18-уми сентябр) бозӣ мекунад. Ҳама бозиҳо дар Варзишгоҳи марказии Душанбе баргузор мешаванд. Вохӯриҳо бо ширкати мунтахаби ҷавонони Тоҷикистон соати 20:00 оғоз мегарданд.

Ғолибони даҳ гуруҳи интихобӣ ва панҷ дастаи беҳтарин, ки ҷойҳои дуюмро мегиранд, ба марҳилаи ниҳоии Ҷоми Осиё-2023 миёни ҷавонон, ки аз 1-ум то 18-уми марти соли оянда дар Ӯзбекистон баргузор мешавад, роҳ меёбанд.



ҶУДО

ТОШКАНД ПАҲЛАВОНОНРО ИНТИЗОР АСТ



Аз 6 то 13-уми октябр дар пойтахти Ӯзбекистон чемпионати ҷаҳонии ҷудо миёни бузургсолон баргузор мешавад, ки дар он намояндагони Тоҷикистон низ ширкат мекунанд.

Ба Тошканд пурзӯртарин ҷудокорони ҷаҳон аз 110 кишвар даъват шудаанд, ки миёни онҳо 12 паҳлавони тоҷикистонӣ низ ҳастанд. Инҳо Темур Раҳимов (+100 кг), Комроншоҳи Устопириён (90 кг), Ҷаҳонгир Маҷидов (90 кг), Нуралӣ Эмомалӣ (66кг), Беҳрӯзи Хоҷазода (73 кг), Шодмон Ризоев (81 кг), Муҳаммадраҳим Сарахонов (73 кг), Шаҳбоз Саидабороров (66 кг), Абубакри Акобир (100 кг), Сомон Маҳмадбеков (81 кг), Муҳаммад Маҳмадизода (60 кг), Муҳаммад Абдуҷалилов (81 кг) ҳастанд.

Ҳоло паҳлавонони Тоҷикистон дар кишвари Озарбойҷон ба машқу омодагиҳо машғуланд. Ба ин ҷо 120 варзишгар аз Белгия, Исроил, Нидерланд, Лаҳистон, Арабистони Саудӣ, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон омадаанд.

ШАКАРХАНД

Автобус

Марди сарватманде фарзандашро ба хориҷа барои таҳсил равон мекунад. Рӯзе писар чунин мактуб менависад:

- Дада, кору таҳсилам хуб аст, ягон шикоят надорам, вале дар ин ҷо ҳама бо автобус мегарданду ман бошам, бо таксӣ.

Падар дар ҷавоб:

- Писарам, бароят пул равон мекунам, автобус харида, мисли дигарон бо автобус гард. Моро шарманда накун!

Фарқият

Ду майхора машғули арақнӯшӣ ҳастанд. Баногаҳ аз наздашон анбуҳи одамон тобути мардеро мегузаронанд. Якеаш аз дигарӣ мепурсад:

- Раҳим, кӣ мурдааст?

Раҳим мегӯяд:

- Ҳаа, ин тобути Қаҳҳор аст. Тамоми умр арақ менӯшид, сигоркаш, дузана буд...

Баъди чанде аз назди майхораҳо боз як тобути дигар мегузаронанд.

Мард боз мепурсад:

- Боз кӣ вафот карда бошад?

Раҳим мегӯяд:

- Ҷаббори ҳамсоя бандагӣ кард, бечора на арақ мехӯрду на сигор мекашид, бо як зан умраш гузашт...

Мард ин дафъа мегӯяд:

- Гӯш кун, модоме фарқият дар 20 дақиқа бошад, аракро рехтан гир, ҷӯра!

Сиёҳпӯст

Марде аз рафиқаш мепурсад:

- Гӯш кун, Мирзо, ту барои чӣ ин қадар сиёҳ астӣ?

Мирзо мегӯяд:

- Медонӣ, дӯстам, модарам қабл аз таваллуд кардани ман марди сиёҳпӯстеро дида, сахт метарсаду мегурезад.

Мирзо мегӯяд:

- Дӯстам, ман ба ту як гапи зӯр мегӯям, вале наранҷ. Ба фикрам ҳамон марди сиёҳпӯст модаратро дарёб кардагӣ, ҷӯра...

Даҳшат

Зане ба дугонааш занг зада, мегӯяд:

- Шавҳарамро картошкахарӣ равон кардам, дар роҳ таги мошин мондааст.

Дугонааш ба даҳшат омада:

- Вах, чӣ кор мекунӣ акнун?

Зан оромона:

- Намедонам, ба фикрам мастоба мепазам.

Занг


Марде назди духтури асаб омада, мегӯяд:

- Духтур, дар гӯшҳои ман садои занг меояд.

Духтур дар ҷавоб:

- Шумо ба занг ҷавоб надиҳед - дия!

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА



ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

САРҲАДИ ТОҶИКИСТОНУ ЎЗБЕКИСТОН БАСТА ШУД


Чанд рӯз қабл расонаҳо хабар доданд, ки сарҳади Тоҷикистону Ӯзбекистон барои 15 рӯз баста мешавад. Вале расонаҳои Ӯзбекистон менависанд, ки маҳдудият фақат ба шаҳри Самарқанд ҷорӣ шуда, ҳамагӣ 3 рӯз идома мекунад. Хоҳиш мекунам, ки маълумоти дақиқро ба мо расонед.

Ҳамроҳ ШОДИЕВ,
ноҳияи Шаҳристон

Ба маълумоти хонандагон мерасонем, ки сарҳади Ӯзбекистон ва Тоҷикистон баста нашудааст. Фақат воридшавӣ ба шаҳри Самарқанд, ки онҷо нишасти сарони кишварҳои узви Созмони Ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) баргузор мегардад, рӯзҳои 14-17-уми сентябр маҳдуд мешавад. Дар ин бора мақомоти шаҳри Самарқанд хабар додаанд.

“Моҳи сентябри соли ҷорӣ нишасти навбатии сарони Созмони Ҳамкориҳои Шанхай дар Ӯзбекистон баргузор мешавад. Аз онҳое, ки рӯзҳои 14, 15, 16 ва 17-уми сентябр ба Самарқанд омаданиянд, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки сафари худро ба давраи дигар гузаронанд. Зеро дар ин рӯзҳо вуруд ба шаҳри Самарқанд маҳдуд хоҳад шуд”,- гуфта мешавад дар иттилоия.

Аз гузаргоҳҳои сарҳадӣ ба муҳлати 15 шабонарӯз фақат гузаргоҳи Ҷартеппа баста аст. Равуои шаҳрвандон ва воситаҳои нақлиёт тариқи постгоҳи марзии Ҷартеппа муваққатан маҳдуд мешавад. Ин маҳдудият аз 5 то 17-уми сентябр идома хоҳад кард. Дар ин бора нашрияи инернетии daryo.uz бо истинод ба Раёсати минтақавии гумрук хабар медиҳад. Сабаби муваққатан баста шудани гузаргоҳ таъмири асосӣ ва ободонии он бо мақсади “фароҳам овардани шароити мусоиду бароҳат барои мусофирон” маънидод мешавад. Ба иттилои нашрия, маҳдудият ҳам ба шаҳрвандон ва ҳам воситаҳои нақлиёт дахл дорад.



БО «ТОҶИКИСТОН» БОШ, БОХАБАР АЗ ҶАҲОН БОШ!

Ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» барои соли 2023 обунашавӣ идома дорад.

Ҳафтаномаи «Тоҷикистон» аз соли 1992 нашр гардида, мунтазам ҳафтае як маротиба ҳар рӯзи панҷшанбе чоп мешавад ва сари вакт дастраси хонандагон мегардад.

Обуна ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» солона буда, аз тарафи идораи ҳафтанома ва дар ҳама муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳо қабул карда мешавад.



Индекси обуна: 68854.

С/ҳ 20202972400015101000
ҳ/м 20402972316264
БИК 350101626
РМА 030000603
БДА ҶТ «Амонатбонк»-и ш. Душанбе.

Нишонии ҳафтаномаи «Тоҷикистон»: ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16, ошёнаи 11.

Телефонҳо барои маълумот:

93-866-82-64, 918-66-82-64.